آواز تاجیک

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

11 ноябри соли 2020. Чоршанбе
№ 83 (14682)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

***Имрӯз мустаҳкам кардани «Рӯҳи Шанхай» — таҷрибаи нодири ҳамкории бисёрҷониба, ки арзиши умумии ҳамаи мост ва азмамонро барои инкишофи якҷоя, эҳтиром ба гуногунии маданиятҳо таҷассум менамояд, аз ҳарвақта муҳим аст.***

Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат МИРЗИЁЕВ

# ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР ҲАМОИШИ НАВБАТИИ СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ШАНХАЙ ИШТИРОК КАРД

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 10 ноябр дар ҷамъомади навбатии Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай дар шакли видеоконфронс иштирок намуд.**





Дар ҷамъомад, ки зери раёсати Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин баргузор гардид, инчунин Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон Имрон Хон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Сӣ Сзинпин, иҷрокунандаи вазифаи Президент, Сарвазири Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Жапаров, Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Жомарт Тоқаев, Сарвазири Ҷумҳурии Ҳиндустон Нарендра Модӣ иштирок намуданд.

Ғайр аз ин, дар кори ҳамоиш намояндагони давлатҳои нозири СҲШ – Президенти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Ашраф Ғанӣ, Президенти Муғулистон Ҳалтмаагийн Баттулга, Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Ҳасан Рӯҳонӣ, Сарвазири Ҷумҳурии Беларус Роман Головченко ва ҳамчунин Котиби генералии СҲШ Владимир Норов ва директори Кумитаи иҷроияи Сохтори минтақавии антитеррори СҲШ Ҷумъахон Ғиёсов иштирок доштанд.

Ба иштирокдорони ҳамоиш аз тариқи видеопаём Котиби генералии Созмони Милали Муттаҳид Антониу Гутерриш мурочиат кард.

Бинобар рӯзномаи ҳамоиш масъалаҳои минбаъд амиқсозии ҳамкории бисёрҷанба дар доираи СҲШ муҳокима гардиданд.

Роҳбарони ҳайатҳои давлатҳои аъзо ва нозир дарача ва истиқболи рушди муносиботи гуногунҷанбаи имрӯзро доир ба самтҳои бартаринок таҳлил намуда, инчунин дар бобати масъалаҳои муҳими байналхалқӣ ва минтақавӣ табодули афкор намуданд.

Дар нутқи худ Президенти Ўзбекистон махсус таъкид кард, ки Созмони ҳамкории Шанхай дар марҳилаи ҷиддии инкишофи худ қарор дорад.

**Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.**

(Давомаш дар саҳ.2).

## НУТҚИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР ҲАМОИШИ СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ШАНХАЙ

***Муҳтарам Владимир Владимирович!***
***Муҳтарам сарони давлатҳо!***

*Ҳамаи шумо иштирокдорони ҳамоиши Созмони ҳамкории Шанхайро аз таҳти дил хайрамақдам мегӯям.*

*Аз Президенти Федератсияи Русия Владимир Владимирович Путин барои ташкили мулоқоти мазкур аз таҳти дил миннатдорам.*

*Махсус мехоҳам самаранокии олии раёсати Русияро дар СҲШ, сарфи назар аз тамоми мураккабиҳое, ки ба далели пандемия рух додаанд, таъкид намоям.*

*Бидуни шубҳа, ҳуҷҷатҳое, ки имрӯз барои баррасӣ омода гардидаанд, барои минбаъд мустаҳкам намудани нақшу нуфузи ташкилотамон дар ҷаҳон мусоидат хоҳанд кард.*

*Аз дидани муҳтарам Садир Нурхоҷаевич Ҷапаров дар ҳамоиш хушҳол ҳастам.*

*Ўзбекистон чун ҳамсояи наздик ва шарики стратегӣ, халқи бародари Қирғизистонро дар азму кӯшишаш барои тараққиёт ва фароҳмандии осуда аз ҳар ҷиҳат дастгирӣ менамояд.*

*Мо инчунин муоҳидаро дар бораи оташбаси пурра ва қатъи ҳама гуна амалиёти ҳарбӣ дар минтақаи даргири Қаробоғи Кӯҳӣ, ки бо ҳамдастии фаъолонаи Федератсияи Русия муваффақ гаштаанд, истиқбол менамоем. Барои ҳарчи зуд барқарор гардидани ҳаёти осуда ва босубот дар ин минтақа изҳори бовар менамоем.*

***Ҳамкасбони муҳтарам!***

*Имрӯз СҲШ дар марҳилаи ба куллӣ нави инкишофи худ қарор дорад.*

*Пандемияе, ки боиси зуд коҳиш ёфтани алоқаҳои тиҷоративу иқтисодӣ, кам гардидани истеҳсолот, афзоиши бекорӣ гардид, ба суръати инкишофи мо таъсири бениҳоят манфӣ мерасонад.*

*Дар баробари ин, дар баъзе минтақаҳои ҷаҳон вазъияти ҳарбиву сиёсӣ тезутунд мегардад, дар заминаҳои байнимиллӣ ва байнимазҳабӣ ихтилофҳо пурзӯр мегарданд.*

*Ин ситеза ва таҳдидҳои ҷаҳониро танҳо бо роҳи нигаҳдошт ва муттаҳид сохтани анъанаҳои некҳамсоягии мо, баробарҳуқуқӣ, эътимод ва ба инобат гирифтани манфиатҳои якдигар бартараф кардан мумкин аст.*

*Имрӯз мустаҳкам кардани «Рӯҳи Шанхай» — таҷрибаи нодири ҳамкории бисёрҷониба, ки арзиши умумии ҳамаи мост ва азмамонро барои инкишофи якҷоя, эҳтиром ба гуногунии маданиятҳо таҷассум менамояд, аз ҳарвақта муҳим аст.*

*СҲШ танҳо вақте нирӯманд аст, ки агар ҳар яки мо пурқудрат бошем.*

*Барои ин дастгирии ҳамдигар, ҷустуҷӯи якҷояи муросо дар масъалаҳои калидии мавзӯъҳои рӯзмарраамон муҳим мебошад.*

*Маҳз ҳамин гуна бархӯрд имрӯз шарти асосии таъмини бехатарӣ, рушди босубот дар фазои Евроосиё мегардад.*

*Ин ҷавобгӯйи манфиат ва ормонҳои мардумони мамлакатҳоямон мебошад.*

***Муҳтарам иштирокдорони ҳамоиш!***

*Иҷозат бидиҳед, нуқтаи назарамонро доир ба вазифаҳои муҳими СҲШ кӯтоҳ баён намоям.*

**Якум.** *Масъалаҳои пурзӯр намудани ҳамкорӣ дар соҳаи иқтисодиёт эътибори алоҳидаро тақозо дорад.*

*Мақсади асосии мо ҷоннок намудани робитаҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва кооператсияи саноат мебошад.*

*Бовар дорам, ки босамартарин роҳи дарёфти он татбиқи барномаҳои муштараки зиддибуҳронӣ мебошад, ки инҳоро пешбинӣ менамояд:*

*– бартарафсозии мамониатҳо дар савдои байниҳамдигар;*

*– содда намудани тартиби гумрук, ҳамоҳангсозӣ ва рақамисозии онҳо;*

*– инкишофи тиҷорати электронии байни мамлакатҳоямон;*

*– рағбатноксозии сармояҳои ҳамдигар.*

*Пешниҳод менамоям, ки якҷоя бархурдҳои нав ба инкишофи алоқаҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва сармоягузорӣ дар шароити пандемия, аз он ҷумла бархурдҳои «ғайристандартӣ» таҳия карда шаванд.*

*Онҳо асоси Нақшаи СҲШ доир ба татбиқи Барномаи ҳамкории тиҷоративу иқтисодӣ бояд гарданд.*

*Таҳияи чорабиниҳои дақиқ дар заминаи татбиқи Барномаҳои ҳамкорӣ дар соҳаи бехатарии озуқаворӣ аҳамияти ҳаётан муҳимро касб менамояд.*

*Инчунин ҷонибдори қабул намудани Барномаи рағбатноксозии кооператсияи саноатии байни доираҳои соҳибкории мамлакатҳоямон мебошем.*

**Дуюм.** *Пандемия ҷараёни рақамисозиро тезонд. Технологияи иттилоотӣ «таҳрикдиҳандаи» тараққиёти иқтисодӣ мегардад.*

*Таҳияи Барномаи СҲШ-ро доир ба рушди саводнокии рақамӣ, ки ба омӯзгорони аҳолӣ, тарбияи мутахассисони соҳа дар асоси барномаҳои таълимии ҳамоҳангшуда нигаронда шудааст, пешниҳод менамоям.*

*Қабул гардидани Изҳоротро дар бораи ҳамкориҳо дар соҳаи иқтисодиёти рақамӣ саривақтӣ мешуморем.*

**Сеюм.** *Дар шароити имрӯз кӯшиши муштаракро барои дастгирии қишрҳои эҳтиёҷманди аҳолӣ ва кам кардани қашшоқӣ равон кардан муҳим аст.*

*Барои танзими ҳамдастии мо дар ин соҳа ба вуҷуд овардани механизми машварати сарони вазорат ва идораҳо, масъулони муборизаро бар зидди қашшоқӣ ногузир мешуморам.*

*Таҳия намудани Барномаи ҳамкории давлатҳои аъзои СҲШ-ро дар ин самт ва ҳамчунин дар Ўзбекистон баргузор кардани Анҷумани байналхалқиро барои таҳияи чорабиниҳои ҳамоҳанггардида доир ба татбиқи он пешниҳод менамоям.*

*Бовар дорам, ки дар татбиқи ин ташаббус таҷрибаи тавфиқноки Ҷумҳурии Мардумии Чин муфид хоҳад буд.*

**Чорум.** *Васеъ намудани муқовимати якҷоя бар зидди ангеза ва таҳдидҳои саломатии аҳолии мамлакатҳоямон хеле муҳим мебошад.*

*Имрӯз инсоният бо инфексияи собиқ номаълум дучор мегардад. Мубориза бар зидди он қисми ҳаёти рӯзмарраи мо мегардад.*

*Аз ин лиҳоз мо дар саммити имрӯза қабул шудани Нақшаи маҷмӯъгии тадбирҳои муштарак оид ба мубориза бо таҳдидҳои эпидемияро маъқул мешуморем.*

*Таъмини татбиқи амалии он, ташкили мубодилаи самараноки иттилоотӣ оид ба паҳншавии бемориҳои хатарноки сироятӣ муҳим аст.*

*Бо мақсади ба роҳ мондани ҳамкории самарабахш дар байни клиникаҳои махсуси кишварҳоямон, мо пешниҳод менамоем, ки Шабакаи муассисаҳои тиббии мубориза бар зидди бемориҳои эпидемӣ таъсис дода шавад.*

*Дар доираи ин Шабака метавонанд лоиҳаҳои мутақобилан судманд татбиқ шаванд, ки ба мубодилаи таҷриба дар соҳаи ташхис, пешгирӣ ва табобати бемориҳои сироятӣ, ташкили фаъолияти гурӯҳҳои муштараки табибон ва тайёрии онҳо нигаронда шудаанд.*

(Давомаш дар саҳ.2).

## НУРАФШОН НУРАФШОН МЕШАВАД

**(Медиа-тур дар вилояти Тошканд)**

***Баҳри иҷрои панҷ ташаббуси муҳиме, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон пеш гузошта шуда ва дар доираи иҷрои фармону қарорҳое, ки роҳбари давлати мо ба имзо расондааст, дар вилояти Тошканд низ бунёдкориҳои васеъмиқёс ба амал бароварда мешаванд.***

Иттиҳоди эҷодии журналистони Ўзбекистон таҳти ҳамкорӣ бо ҳокимияти вилояти Тошканд дар доираи лоиҳаи «Журналист ва ҳаёт» дар шаҳри Нурафшон ва ноҳияи Қуйичирчиқи вилояти Тошканд медиа-тур ташкил намуд. Чорабинӣ бо мақсади аз наздик шинос кардани ВАО бо дигаргуниҳои азиме, ки дар ҷойҳои зикршуда рӯи кор меоянд, қулаиҳои ба аҳолӣ офаридашуда, нақшаҳои лоиҳавии сохтмони «шаҳри ақлнок» – Нурафшонсити корбаст гардид.

Шаҳри Нурафшон аз соли 2017 инҷониб маркази маъмурии вилояти Тошканд ҳисоб меёбад. Дар ҷои собиқ шаҳрчаи Тӯйтеппа, ки соли 1973 ташкил ёфта буд, ҳоло шаҳри замонавӣ ба бунёд омада, дар он бештар аз 52 ҳазор нафар аҳолӣ истиқомат менамояд. Ҷуз аз ўзбекҳо ва тоҷикон дар Нурафшон ҳамчунин русҳо, корейсҳо, қазоқон ва тотоҳо ҳамҷиҳат умр ба сар мебаранд.

(Давомаш дар саҳ.2).

## ДАР ҚАРОҚАЛПОҚИСТОН БАРНОМАИ СЕСОЛАИ ТАРАҚҚИЁТ БА АМАЛ ТАТБИҚ МЕГАРДАД

**Зери раёсати Президент Шавкат Мирзиёев 10 ноябр ҷамъомади видеоселекторӣ доир ба масъалаҳои инкишофи иҷтимоиву иқтисодии Қароқалпоқистон баргузор гардид.**

2 октябр дар сессияи ғайринавбатии Жокарги Кенеси Ҷумҳурии Қароқалпоқистон роҳбари давлат вазифаҳоеро муайян намуда буд, ки ба инкишофи ҳар як шаҳр ва ноҳия ва беҳсозии ҳаёти аҳолии минтақа нигаронда шудааст. Барои муайян намудани мушкилоти ҳалталаб ва таҳияи барномаи нави тараққиёт ҳолати беш аз 37 ҳазор хонавода ва воҳидҳои соҳибкорӣ омӯхта шуда буд.

Дар асоси ин таҳлил барномаи маҷмӯии инкишофи Ҷумҳурии Қароқалпоқистон дар солҳои 2020-2023 таҳия гаштааст. Бинобар он, бо мақсади боло бурдани ҷолибияти сармоягузории минтақа барои корхонаҳои нав чандин имтиёз пешниҳод мегардад. Ғайр аз ин, ин имтиёзро корхонаҳои дар саноат ва хидматрасонӣ дубора барқароргардидаи ноҳияҳои Тахтакӯпир, Бузатов, Шуманай ва 45 маҳаллаву авуле, ки ба тоифаи аз инкишоф бозмонда ғалтидаанд, соҳиб мегарданд.

(Давомаш дар саҳ.3).

# НУТҚИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР ҲАМОИШИ СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ШАНХАЙ

(Аввалаш дар саҳ.1).

*Бо истифода аз ин фурсат ба ҳамаи шарикони худ, пеш аз ҳама Русия ва Чин барои кўмак ва дастгирии бузурге, ки ба Ўзбекистон дар мубориза бо сирояти коронавирус расонидаанд, изҳори сипос мекунам.*

*Дар шароити пандемия, инчунин, зарурати ҷорӣ намудани технологияҳои нави фосилавӣ дар соҳаи тандурустӣ меафзояд.*

*Аз ин лиҳоз мо таҳияи Консепсияи ҳамкорӣ дар соҳаи телемедитсинаро ба мақсад мувофиқ медонем.*

*Дар Консепсия ба табибон омўзондани усулҳои телемедитсина дар табобати бемориҳои гуногун, инчунин табодули таҷрибаи пешқадам дар ин самт муҳим аст.*

***Панҷум.*** *Дар шароити замонавӣ таҳдидҳои терроризм, экстремизм ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир на танҳо суст намешаванд, балки шиддат мегиранд, шаклҳои нав пайдо мекунанд.*

*Нақши технологияҳои иттилоотӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ дар ҷалбкунӣ ва радикализатсияи ҷавонон, маблағгузории террористон меафзояд.*

*Дар ин замина талабот ба мутобиқсозии СМЗТ СҲШ ба ҳалли вазифаҳои куллан нави таъмини амният дар фазои Созмон меафзояд.*

*Аз ин рў, мо зарур мешуморем, ки басомади робитаҳои кории идораҳои салоҳиятнок хеле зиёд карда шуда, механизмҳои нави ҳамкорӣ таҳия карда шаванд.*

*Муҳокимаи мунтазами вазъи кунунӣ, ҳамоҳангсозии тадбирҳои муштарак оид ба муқовимат бо даъватҳо ва таҳдидҳо, аз ҷумла дар майдони иттилоотӣ муҳим аст.*

*Дар ниҳоят саҳми умумии мо дар таҳкими сулҳу субот дар минтақаи паҳнои СҲШ аз ҳамин вобаста хоҳад буд.*

*Оид ба ҳамаи самтҳои зикршуда мо пешниҳод мекунем, ки ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо кишварҳои нозир, шарикони муколама ва созмонҳои байналмилалӣ тақвият дода шаванд.*

***Муҳтарам сарони давлатҳо!***

*Имрўз, беш аз ҳарвақта муҳим аст, ки фурсати таърихии ба даст овардани сулҳи деринтизор дар Афғонистонро аз даст надиҳем.*

*Амният ва сулҳ дар ин кишвар бояд ҳамчун як ҷузъи муҳими субот ва шукуфоии иқтисодӣ барои тамоми минтақаи паҳнои СҲШ баррасӣ карда шавад.*

*Бо саъйи ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла кишварҳои СҲШ, барои ҳалли мусолиматомези низоъ дар Афғонистон дурнамои умедбахш мавҷуданд.*

*Муттаҳид сохтани кўшишҳо барои дастгирии ин бонгҳои мусбати пешрафт дар самти сулҳ, расонидани кўмаки иқтисодӣ ба мардуми Афғонистон муҳим аст.*

*Боварӣ дорам, ки ба рушди сулҳомез, устувори ин кишвар, инчунин ҷалби Афғонистон ба равандҳои тиҷоративу иқтисодии минтақавӣ низ мусоидат хоҳад кард.*

*Дар ин робита мо ҷонибдори ҳарчи зудтар таҳия ва қабули Нақшаи чорабиниҳои амалӣ оид ба мусоидат ба барқарорсозии иҷтимоию иқтисодии Афғонистон дар доираи Гурўҳи тамосии «СҲШ ва Афғонистон» ҳастем.*

*Дурнамои нав барои ҳамаи кишварҳои СҲШ ташаббусҳои сохтмони долони нақлиётиро боз мекунанд, ки ба нақши таърихии худ ҳамчун пули пайвасткунандаи Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ баргардондани Афғонистон мусоидат мекунанд.*

*Мо пешниҳод менамоем, ки ин ва дигар масъалаҳо моҳи апрели соли 2021 дар Тошканд дар Конфронси байналмилалии «Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ: робитаи минтақавӣ. Даъватҳо ва имкониятҳо» мавриди муҳокима қарор дода шаванд.*

*Дар баробари ин мехоҳам пешниҳод намоям, ки соли оянда дар арафаи 20-солагии таъсиси Созмони мо конфронси байналмилалии «Нақши СҲШ дар системаи муносибатҳои замонавии байналмилалӣ» баргузор карда шавад.*

***Муҳтарам роҳбарони ҳайатҳо!***

*Иҷозат диҳед, инчунин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Шарипович Раҳмонро ба муносибати раисии СҲШ табрик намуда, ба ў дар иҷрои ин рисолати пурифтихор ва масъулиятнок муваффақиятҳои зиёд орзу намоям.*

*Барои эътиборатон ташаккур.*

# ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР ҲАМОИШИ НАВБАТИИ СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ШАНХАЙ ИШТИРОК КАРД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Роҳбари давлат даъват намуд, ки анъанаҳои некҳамсоягӣ, баробарҳуқуқӣ, боварӣ ва ба инобат гирифтани манфиатҳои якдигар ҳифз ва афзун гардонда шавад. Бино ба суханони ў, «имрўз бештар аз пешина «Рўҳи Шанхай»-ро мустаҳкам кардан муҳим аст – ин таҷрибаи нодири ҳамкории бисёрҷониба, ки арзиши умумии ҳамаи мо ба шумор меравад ва азмамонро барои инкишофи якҷоя, эҳтироми гуногунии маданиятҳо таҷассум менамояд».

Шарти асосии таъмини бехатарӣ ва инкишофи босубот дар фазои васеи Евроосиё дастгирии ҳамдигар ва ҷустуҷўи муштараки муросо доир ба масъалаҳои калидии рўзномаи ҷамъомади Созмони ҳамкории Шанхай ном бурда шуд. «СҲШ танҳо вақте нирўманд аст, ки агар ҳар яки мо пурқудрат бошем».

Бинобар ин Президент Шавкат Мирзиёев чандин ташаббуси муҳимро, ки ба рушди минбаъдаи амалии ҳамкорӣ дар доираи СҲШ нигаронда шудааст, пешниҳод намуд.

Аз он ҷумла, бо мақсади коҳиш додани оқибатҳои манфии пандемия пурзўр намудани робитаҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва сармоягузорӣ бо роҳи қабул намудани ҳуҷҷатҳои дарозмуддат дар соҳаҳои ҳамкории тиҷоративу иқтисодии СҲШ ва ҳамчунин дар ҷанбаи бехатарии озуқаворӣ ва рағбатноксозии кооператсияи саноат пешниҳод гардид.

Роҳбари мамлакат мақоми афзояндаи технологияи иттилоотиро дар таъмини тараққиёти иқтисодиёт таъкид намуда, таҳияи Барномаи СҲШ-ро доир ба рушди саводнокии рақамӣ, ки ба тарбияи мутахассисони баландмалака, ба таълими аҳолӣ нигаронда шудааст, ибрози назар намуд.

Пешвои Ўзбекистон аҳамияти роҳандозии ҳамкории наздикро доир ба масъалаҳои кам кардани қашшоқӣ алоҳида таъкид кард. Дар доираи СҲШ ба вуҷуд овардани механизми машварати роҳбарони вазорат ва идораҳои соҳавӣ ва таҳия намудани ҳуҷҷатҳои барномавии марбут пешниҳод шуд. Омодагии баргузор намудани Анҷумани байналхалқӣ барои таҳияи чорабиниҳои ҳамоҳангшуда дар мубориза бар зидди қашшоқӣ дар мамлакатамон изҳор гардид.

Тасдиқ гардидани Нақшаи маҷмўии чорабиниҳои муштараки СҲШ-ро доир ба муқовимат бар зидди таҳдидҳои эпидемия истиқбол намуда, Президент Шавкат Мирзиёев барои минбаъд фаъол намудани ҳамкорӣ дар раванди мубориза бо паҳн намудани инфексияҳои хатарнок, ба вуҷуд овардани шабакаи муассисаҳои тиббӣ оид ба бемориҳои сирояткунанда, таҳияи Консепсияи ҳамкорӣ дар соҳаи телемедитсина изҳори назар намуд.

Роҳбари давлат таъкид кард, ки масъалаҳои мубориза бар зидди хатарҳои терроризм, ифроткорӣ ва тиҷорати нашъа, ки шаклҳои нав касб менамоянд, дар маркази диққати фаъолияти СҲШ бояд қарор гирад.

Мос намудани Сохтори минтақавии антитеррор барои ҳалли вазифаҳои ҷиддан нави таъмини бехатарӣ дар фазои созмон ва минбаъд вусъат додани робитаҳои байни идораҳои соҳибваколат хидмат менамояд.

Президенти Ўзбекистон аз иштирокдорони ҳамоиш дастгирӣ намудани ҷараёнҳои танзими сулҳомез дар Афғонистон ва ҷалби ин мамлакатро ба робитаҳои тиҷоративу иқтисодии минтақа даъват намуд.

Дар партави ин ҳарчи зудтар қабул намудани Нақшаи чорабиниҳои амалӣ дар заминаи ҳамдастӣ барои барқарорсозии иҷтимоиву иқтисодии ҶИА дар доираи Гурўҳи тамоси «СҲШ – Афғонистон» пешниҳод гардид. Ба ташаббуси сохтмони даҳлезҳои нақлиётӣ, ки метавонад ба Афғонистон нақши таърихии пули пайвандкунандаи байни Осиёи Марказӣ ва Ҷанубиро баргардонад, эътибори алоҳида нигаронда шуд.

Ин ва масъалаҳои дигар метавонад ба рўзномаи ҷамъомади Анҷумани байналхалқии «Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ: риштаҳои пайвастаи минтақавӣ. Ангезаҳо ва имконот» дохил карда шаванд, ки он бояд моҳи апрели соли 2021 бо ташаббуси Ўзбекистон дар Тошканд баргузор гардад.

Соли оянда СҲШ 20-сола мешавад. Дар арафаи ин санаи таърихӣ Президенти мамлакат баргузор намудани анҷумани байналхалқии «Нақши СҲШ дар низоми муносиботи имрўзаи байналхалқӣ»-ро таклиф намуд.

Дар поёни ҳамоиш Эъломияи Маскави Шўрои сарони давлатҳои аъзои СҲШ қабул гардид ва ҳамчунин маҷмўи ҳуҷҷатҳо барои васеъ намудани ҳамкории минбаъдаи гуногунҷанбаи муфиди тарафайн дар доираи ташкилот ба имзо расиданд.

Бо ташаббуси ҷониби Ўзбекистон дар ҳамоиш Изҳороти сарони давлатҳои аъзои СҲШ дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи иқтисодиёти рақамӣ қабул гардид.

**ЎзА.**

# НУРАФШОН НУРАФШОН МЕШАВАД

(Аввалаш дар саҳ.1).



Журналистонро ҳокими шаҳри Нурафшон Қаҳрамон Ҳакимов истиқбол кард ва онҳоро ба муҳимтарин объект ва ҷойҳои ҷолиби маркази маъмурии вилоят, бунёдкориҳои азим, корхонаҳои саноатию нуқтаҳои истеҳсолӣ аз наздик шинос намуд.

Собиқ шаҳрчаи Тўйтеппа, ки ҳамагӣ 217 гектарро фаро мегирифт, тўли 2-3 соли охир ба таври шинохтанашаванда дигаргун гашта, масоҳаташ тақрибан 16 баробар зиёд шудааст. Нурафшоне, ки имрўз 3248 гектар масоҳат дорад, ҳоло ба маънои ҳақиқӣ майдони бунёдкориҳост. Дар шаҳр 22 ҷамоаҳои шаҳрвандӣ мавҷуд, миқдори корхонаҳои саноатӣ ба 41 адад расидааст.

Навъе ҳокими шаҳр таъкид намуд, танҳо дар яке аз кўчаҳои марказӣ – «Тошкент йўли» 213 манзилҳои зист ва объектҳои гуногун, ки куҳнасохт буданд, вайрон гардида, ба соҳибони мулк 24 миллиард сўм ҷубронпулӣ пардохта шуд. Дар кўчаи зикршуда барпо гардидани 172 адад бино ва иншоот ба нақша даромадааст. Алъон сохтмонҳо дар 78 адад объект бо суръат давом мекунанд. Як қатор объектҳои замонавӣ, аз қабили бинои адлия ва идораи вазъиятҳои фавқулодда, «Маркази ҷавонон», «Қишлоққурилишбанк», «Ҳамкорбанк» аллакай ба истифода супурда шудаанд.

Бо мақсади дар мактабҳои таълими умумии шаҳри Нурафшон аниқ кардани беҳтарин варзишгарон, дуруст ва мазмуннок гузаронидани вақти насли наврас, ҷудо карда гирифтани варзишгарони иқтидорнок ба чемпионати Ўзбекистон ва мусобиқаҳои байналхалқӣ аз рўи шоҳмот, теннисиси рўимизӣ, волейбол, баскетбол, мини-футбол барои «Мукофоти ҳокими шаҳри Нурафшон» чемпионат сурат гирифт. Дар он байни 13 мактаб, ки мутааллиқ ба сектори чаҳорум мебошад, беҳтарин ҷамоа ва ҷавонони иқтидорнок ҷудо гардида ва ғолибон бо дипломҳо, медалҳо ва туҳфаҳои хотирмони ҳокими шаҳр, роҳбарони секторҳо ва ҳомиён тақдиронида шуданд.

Ҷалб карда шудани сармоядорҳои хориҷӣ ба шаҳр бештар аҳамият касб менамояд. Чунончи, ба наздикӣ ҳокими шаҳр сармоягузорон аз Туркия ва Озарбойҷонро пазируфт.

Дар вохўрӣ оиди сохтмонҳои бузурге, ки имрўзҳо доман густурдаанд ва лоиҳаҳои истиқболнок маълумот дода шуд. Дар навбати худ меҳмонони хориҷӣ ба лоиҳаҳои долузарби иқтисодию иҷтимоии шаҳр таваҷҷўҳ нигаронида ва дар ин самт таклифу мулоҳизот баён намуданд. Дар вохўрии дўстона ҷонибҳо оиди таҳти ҳамкорӣ ба амал баровардани як қатор лоиҳаҳои нав ба як қарор омаданд.

Баробари қад кашидани объектҳои замонавӣ, аз ҷумла, манзилҳои бисёрошёна сокинони ҳавлиҳо аз қитъаҳои наздиҳавлӣ самаранок истифода менамоянд. Масалан, сокини маҳаллаи «Наврўз» Шуҳрат Умирмоев дар 15 сотих гармхона ташкил карда, дар таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти тару тозаи полизӣ саҳм мегузорад. Сокини ҳамин маҳалла Илҳом Назаров дар 6 сотих парвариши кўчатҳоро хуб ба роҳ монда, дар давраи пандемия манбаи даромад будани рўиндаричаро ба ҳаммаҳаллаҳо собит месозад. Ҳар ваҷаб майдони кишт дар Нурафшон ба ҳисобу китоб, гуфт ҳокими шаҳр, хусусан, агрофирмаҳое, ки ташкил гаштаанд, дар сарпурсозии растаи бозорҳо ва сарпурии дастархони мардум ҳисса мегузоранд.

Ҳокимияти шаҳр якҷо бо прокуратура ва масъулони ИДА барои таъмини қулайиҳо дар хариди аҳолӣ дар ҳудуди 11 маҳаллаи шаҳр ярмаркаҳои тиҷоратии «хидмат ба мардум»-ро ташкил намудааст. Дар растаҳо 22 навъ маҳсулоти озуқаворӣ ва кишоварзӣ ҷой гирифтаанд ва бо нархҳои дастрас фурўхта мешаванд. Ҷуз ин мувофиқи нақша ҳар рўз ба даҳҳо маҳаллаҳо дар шакли дўконҳои сайёр савдои маҳсулоти озуқаворӣ ба амал бароварда мешавад.

Дар давоми медиа-тур журналистон аз бинои бисёрошёнаи замонавие дидан карданд, ки дар ҳудуди ҶШМ «Наврўз» барои зисту зиндагии ходимони шуъбаи вилоятии БТС «Саноатқурилишбанк» пешбинӣ шудааст. Арзиши умумии лоиҳа 45 миллиард сўм буда, 72 хонадонро фаро гирифтааст. Кормандони шуъбаҳои вилоятии «Қишлоққурилишбанк» ва «Ҳамкорбанк» низ аз ин гуна манзилҳои зисти ҳарҷониба қулай истифода бурда метавонанд. Ҷолиби диққат боз он ки дар ошёнаи аввал – офисҳо, дар қабатҳои болоӣ манзилҳои истиқоматӣ барои банкирҳо бунёд ёфтаанд. Нурафшоне, ки ҳарҷониба обод мешавад, дар пеши назарамон ба нахустин «Smart city» («Шаҳри ақлнок») дар мамлакатамон табдил меёбад. Дар қаламрави он аллакай бунёди биноҳои маъмурии додситонӣ ва умури дохилии вилоят оғоз ёфтааст.Ояндаи наздик лоиҳаҳо оиди барпои биноҳои маъмурии шуъбаи вилоятии Идораи давлатии андоз, саридораи Бонки марказӣ ва бинои суди вилоятӣ амалӣ хоҳанд гашт.

Мувофиқ ба нақшаи асосии «Smart city» консепсияи лоиахаҳо аз ҷониби як қатор сармоягузорон кор карда бароварда шуда буданд. Таклифҳо омўхта шуда, ба наздикӣ аз ҷониби ҳокими вилояти Тошканд Рустам Холматов ва раиси ширкати сингапурии «Universal Svccess Enterpises Limited» Прасун Мухерҷӣ оиди ба амал баровардани лоиҳаи мазкур шартнома ба тарзи онлайн имзо гузошта шуд. Мувофиқи ин ҳуҷҷат таҳти ҳамкорӣ бо ширкати сингапурӣ то чаҳоряки аввали соли 2021 асоси техникӣ-иқтисодии лоиҳа кор карда бароварда шуда, баъдтар барпои шаҳри воқеан нурафшони Нурафшон оғоз меёбад. Ба ҷои маълумот гуфтанамон мумкин, майдони умумии шаҳри оянда аз 2 ҳазору 833 гектар иборат буда, бунёдкориҳо дар 3 давра ба амал бароварда мешаванд.

Дар нимаи дуюми рўз иштирокдорони медиа-тур ҷониби ҶШМ «Берунӣ»-и ноҳияи Қуйичирчиқ роҳ пеш гирифтанд. Лоиҳаи намунавии панҷ ташаббуси аз ҷониби роҳбари давлат корбастшуда – муносиб ба камол расондани ҷавонон, фароҳам овардани шароит ба онҳо дар роҳи дастёбӣ ба маданияту санъат, тарбияи ҷисмонию варзиш, истифодаи самаранок аз имкониятҳои технологияи компютерӣ, тарғиби васеи китобхонӣ, таъмини бонувон бо шуғл дар ин ноҳия баръало ба чашм мерасад.

Маркази маданияти Берунӣ, ки чанд сол инҷониб таъмирталаб буд, ба ивази 6,5 млрд. сўми аз ҷониби Вазорати маданият ҷудошуда пурра навсозӣ гашт. Дар паҳлўи он Маркази инноватсионии ҷавонон, «Гузари меҳнатӣ», ки дар ихтиёри Вазорати шуғл ва муносибатҳои меҳнатист, ҷой гирифтааст. Китобхона, хидмати компютерӣ, маркази таълимӣ, сехи истеҳсоли маҳсулоти нонӣ, хидматгузории тиббӣ, ҳамчун клуби фитнесӣ дар ихтиёри аҳолист.

Таҳти ҳомигии Вазорати шуғл ва муносибатҳои меҳнатӣ ба ивази 4,5 млрд. сўм маблағ таъмири пурраи муассисаи таълими томактабии рақами 15, дабистонҳои таълими умумии рақамҳои 48 ва 52 ба амал бароварда шудааст. Ба маҳфилҳои варзишӣ ҷалб гардидани беҳтарин муаллимон ва фаъолияти хуби маркази таълимии технологияҳои рақамнокро низ иштирокдорон гувоҳ гардиданд.

Бо мақсади таъмини ҷавонон ва занон бо шуғл аз ҷониби ҶС «Ўзпахтасаноат» маҷмўи дўзандагӣ-трикотажӣ ба фаъолият сар кардааст. Сехи истеҳсолии типи панели сендвичӣ барои бачаҳо пойафзорҳои хушсифат мебарорад. Барои дар сехҳо кор кардан баробарии аҳолии бумӣ хоҳишмандон аз вилоятҳои дигар низ ҷалб шуда ва бо маоши хуб таъминанд.

Дар доираи медиа-тур бо иштироки мутахассисон анҷумани матбуотӣ баргузор гардид. Дар охири нишаст як гурўҳ журналистони фаъол бо туҳфаҳои Иттиҳодияи эҷодии журналистон тақдиронида шуданд.

**М.ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

# ҲАМОСАИ ИНТИХОБОТ ПОЁН ЁФТ...



***Инак ҳамосаву ҳангомаи пеш аз интихоботиву интихоботӣ дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико зоҳиран ба охир расид. Ба охир расид гуфтан эҳтимол чандон ташхиси дуруст набошад, чунки маъмулан дар ин мамлакат ҳар дафъае, ки як давраи интихоботи президентӣ ба поён расад, дигараш шурўъ мегардад. Дар ҳар сурат, давраи охирини президентӣ чунин буд.***

Ҳоло акнун гуфта мешавад, ки охирин маъракаи интихоботи президентӣ дар таърихи сохтори демократии ин мамлакат аз пуршўртарину касифтарин буд, бо вуҷуди ин ки интихоботҳои пешин низ аз он монданӣ надоштанд.

Сарфи назар аз он ки дар мамлакат ҳизбҳои сиёсӣ зиёданд, мубориза маъмулан ҳам барои президентӣ ва ҳам барои конгресс байни ду қувва – ҳизбҳои ҷумҳурихоҳон ва демократҳо сурат мегирад. Аз ин боис аксарият ҳатто намедонанд, ки дар Амрико қувваҳои дигари сиёсӣ низ вуҷуд доранд.

Ҳамин тариқ, 3 ноябр низ ин ду ҳизби азамат бо тамоми ҳастӣ ва ҳашамати худ пас аз як соли муборизаи шадиди номуросокорона ниҳоят ин марҳиларо анҷом доданд. Агарчи аксарияти интихобкунандагон – қариб 100 млн. нафар – пешакӣ овоз дода буданд, натиҷагирии дақиқ ва ҳисобу китоби овозҳо дар ягона рўзи муқарраргардида сурат мегиранд, яъне ғалбер аз об бардошта мешавад.

Бояд гуфт, ки ин давраи президентӣ ва маъракаи интихоботӣ бо далели авҷи пандемияи коронавирус ва шиддат гирифтани вазъияти дохилӣ бо иллати низоъи байнинажодии сафедпўстону сияҳпўстон бештар тезутунд гузашт. Бо вуҷуди он ки ҳоло беш аз шаст сол ҳуқуқи сафеду сиёҳҳо баробар аст, дар ҷиҳати ҳимояи иҷтимоӣ ва баъзе бархурдорӣ аз имтиёзот афроамрикоиҳо дар нисбати сафедҳо бартарӣ доранд. Яъне онҳо барои давраи ғуломӣ ва поймолии ҳуқуқашон беш аз ним аср аст, ки гўё аз ҳукумат товон мегиранд. Гуфта мешавад, ки бо вуҷуди ин то ҳанўз сафи бекорон аз ҷумлаи сиёҳҳо нисбатан зиёд аст. Худашон ҳатто ҳамин падидаро низ чунин қаламдод менамоянд, ки ин нобарориашон ба туфайли ранги пўсташон бошад. Соли ҷорӣ аз ҷониби политсия ногаҳон ҳалок гардидани сиёҳпўсте бо номи Ҷорҷ Флойд сабаб гардид, ки дар тамоми мамлакат ҷунбиши сартосарӣ бо номи «Ҳаёти сиёҳҳо арзиш дорад» авҷ гирифта, тамоми аломи ғуломии чорсадсолаи сиёҳҳо тоза гардида, ҳар ному нишону ёдгорие, ки он даврҳоро ба ёд меоварданд, нобуду шикаставу хароб карда шуданд. Дар ин ҷараён ҳатто муҷассамаи Христофор Колумби кишваркушову баҳрнаворд, ки бо қасди фатҳи Ҳиндустон ба баҳр баромада, иштибоҳан ба заминҳои кураи барои аврупоиҳо номаълум, ки баъдан Амрико номгузорӣ гардид, афтида буд, амон намонд. Дар баъзе шаҳру штатҳо роҳбарон ба шиддати намоишгарону исёнҳо тоб оварда натаониста, худашон қарорҳоро имзо карда, муҷассамаи онҳоеро, ки дар замони худ барои аз Африқо овардани сиёҳҳо ва баъдан чун ғулом истисмор намудани онҳоро ба роҳ гузошта буданд, аз байн бурданд. Насли имрўзаи ҷабрдидагони пешин бо ин ҳама қаноат карданӣ нестанд. Онҳо ҳоло дар ҳолатҳои оддӣ густохона метавонанд сафедпўстонро таҳқир намоянд, ба иззаташон расанд, ҳатто дукону мулкашонро ғорат кунанд. Ҳамаи ин чунин маънидод карда мешавад, ки «давраи мо омад, ҳар чӣ хоҳем мекунем».

Агарчи суханони обшустаи «дар пеши қонун – ҳама баробар» дар ин мамлакат низ мисли ҳама ҷо маънидод карда мешавад, сиёҳҳо инро мехоҳанд ба таври худ талқин намоянд – «қонун ба мо дахл надорад». Аз ин рў қариб ҳар як боздошт шудани сиёҳпўсте ва ё аз дасти политсия ҳалок шудани он чунон ғалат талқин мегардад, ки аз дасти муҳофизони қонуну тартибот гўё фақат сиёҳҳо ҷабр медида бошанд. Аммо ҳисобу китоб аз ин фикрҳо фарқ мекунад, зеро соли 2019 аз тарафи политсия қариб 270 нафар афроамрикоӣ ҳалок гардида бошад, сафедпўстони қурбоншуда беш аз 400 нафаранд. Бояд гуфт, ки дар ҳамин давра аз ҷумлаи ходимони политсия беш аз 200 нафар дар чунин ҳолатҳо ҳалок гаштаанд.

Хуллас, дар ин мамлакат ҳоло ҳама қувваҳои сиёсиву мазҳабӣ, нажодиву ҷинсӣ, гурўҳҳои махсуси силоҳбадаст, сиёсатҳои «чапгаро»-ву «ростгаро» ба ҳам печидаанд. Пурсишҳои пешазинтихоботӣ нишон дода буданд, ки каму беш аз 40 фоизи ҷонибдорони ҳарду ҳизби сиёсӣ дар ҳар гуна сурат мағлубияти худро намепазиранд ва ба кучаҳо хоҳанд рехт, ки ба василаи намоиш ва боз кадом як шаклу шеваи номаълум ва ҳаросангез «адолат» талаб намоянд. Дар мамлакате, ки миқдори силоҳ аз саршумории аҳолиаш хеле зиёд аст, тасаввураш ваҳмангез аст, ки ҷонибҳои муқобил барои «адолат» ба силоҳ даст зананд. Аз манзараҳои бозгўикунандаи шабакаҳои телевизионӣ маълум мегардид, ки дар бисёр шаҳру шаҳракҳо ба сифати чораи эҳтиётӣ дукондорону соҳибони қаҳвахонаву дигар мулкдорон дар арафаи интихобот ин биноҳо идораҳои равшану оинабанди худро аз берун тахтабанд мекарданд – чунки нигаронии онҳо аз ғорату шикастурехти баъди интихобот беасос набуд.

Чунин таҳаввулоти сиёсӣ дар як мамлакати абарқудрати ҷаҳон ба хориҷ аз он бетаъсир намемонад. Аз ин боис дар арсаи байналхалқӣ низ вобаста ба таваҷҷўҳу бархурдашон ба ин ё он номзад нигаронӣ вуҷуд дошт, зеро назари номзадҳо ба ин ё он масъалаи арсаи ҷаҳон ва ё давлати алоҳидаву ҷараёнҳои онҳо гоҳо куллан фарқ мекард. Дар муносибат бо ин ё он ташкилоту иттиҳоди байналхалқӣ манфиати мамлакати худро афзал донистани номзади ҳизби ҷумҳурихоҳон Доналд Трамп дар зарфи чор соли президентии ў ба баъзе чунин созмонҳо латма ворид намуд. Ва акнун, ки рақиби ў аз ҳизби демократӣ Ҷозеф Байдени 77-сола дар интихобот пирўз гардида, ба чор соли дигар интихоб гардид, табъан ин тамоил ва ҷараён тағйир хоҳад ёфт. Чун баъзе аз ин назарҳои барои Вашингтон ғайримуқаррарӣ ба худи ҷойгоҳ ва мақоми мамлакат дар корҳои ҷаҳон алоқамананд, вобаста ба он тағйир хурдани андоза ва нуфузи онҳо ва дар натиҷа дигаргун гардидани қутбҳои сиёсати ҷаҳон аз эҳтимол дур нест. Ба қавли маъруф, ҳарчи дарахти бузургу сершох афтад, дарахтакони майдаи зераш низ амон намемонанд. Инро мо аз таърихи начандон дурамон – пошхўрии Иттиҳоди Шўравӣ хуб медонем.

**Тоҷибой ИКРОМОВ,**
**шореҳи сиёсии «Овози тоҷик».**

# МУФТӢ ИКРОМЧА – ОЛИМИ ФИДОКОР ВА ШАХСИЯТИ НОТАКРОР

Наҳзати рӯҳониву фарҳангиву иҷтимоии охири асри 19 ва ибтидои асри 20, ки бо номҳои «ҷадидия» ва «маорифпарварӣ» ёд мешавад, аз табақоти гуногуни ҷомеа нерӯ мегирифт. Дар ин ҷунбиш ҳам зиёиву ҳам рӯҳонӣ, ҳам ашрофу заҳматкаши оддӣ ширкат меварзид. Қишрҳои гуногуни иҷтимоъро ба азиз доштани дини мубини Ислом ҷалб мекард. Биноан, барои мардумони он давр гуногунзуҳурии табақоти ин майлон воқеаи чандон ҳайратангезу ғайричашмдошт набуд.

Бояд гуфт, ки Аморати Бухоро дар давраи Сомониён такя ба дини мубини Ислом дошт. Бо шикасти нахустин давлати миллии тоҷикон – Сомониён ва ба сари қудрат омадани сулолаи туркнажодон Аморати Бухоро дигар ҳеҷ гоҳ дар пояи дини мубини Ислом чун дар аҳди Сомониён устувор нагардид. Кӯчиён аз дину ойин ва тамаддуни исломӣ бо он таъсире, ки аз ин лиҳоз мардуми эронитабор мебардоштанд, албатта, ба нерӯи дар савияи пешин нигоҳ доштани Ислом қодир набуданд. Аз ин рӯ, дар таърихи давраи ҳазору дусадсола-ҳазору сесадсолаи исломӣ, мардуми мо баробари ба сари ҳокимият омадани қабилаҳои турку муғул, тадриҷан пойин фаромадани сатҳи илму фарҳанг ва маърифати исломӣ пайвандҳо дорад. Шикасти тадриҷии дину ойин дар қарнҳои нуздаҳу бист ба он анҷом ёфт, ки Аморати Бухоро дар сиёсати иҷтимоиву фарҳанг аз асосҳои рӯҳонӣ ошкоро қатъи назар мекард. Ва ин беэътиборӣ ба дини мубини Ислом боиси ривоҷи куфру бидъат ва бемаънавиёту бадахлоқии ҳамагонӣ гардид. Намояндагони синфу табақаҳои гуногунро дар муқобили ҳукуматдорони Аморати Бухоро пеш аз ҳама ҳамин хор кардани шариати муҳаммадӣ муттаҳид кард, яъне маорифпарвару ҷадидия пеш аз ҳама наҳзати маънавӣ буд. Маорифпарварон ё худ ҷадидон барои ба мавқеъу эътибори суннатӣ соҳиб шудани дини мубини Ислом ба арсаи майдон бaромаданд, то кулли мардумро ба мартабаи суннати маънавиву ахлоқӣ бинишинонанд. Азхудгузаштагии барои мо – имрӯзиён ҳайратангези ҷадидон ё худ маорифпарварон дар мубориза аз садоқаташон ба дини мубини Ислом маншаъ мегирифт.

Аз ҷумлаи мансабдорони рӯҳонии амир якчанд нафар ба ҷунбиши маорифпарварӣ ё худ ҷадидӣ ҳамроҳ шуданд, ки машҳуртаринашон қозӣ Шарифҷон Махдуми Садри Зиё (1867-1932) ва муфтӣ Муҳаммадикром ибни Абдусалом машҳур бо номи Домулло Икромчаи Бухорӣ (1847-1925) буданд. Шахсияти иҷтимоиву сиёсӣ ва фарҳангии ин ду тан ба ҳам шабоҳат дорад: ҳар ду рӯҳонӣ, ҳар ду корманди дастгоҳи амир, ҳар ду нотарсу далер, ҳақталош, маорифпарвар буданд ва ҳар ду дар ташаккули маърифату маънавияти асосгузори адабиёти навини тоҷик Садриддин Айнӣ саҳми бузург гирифтаанд.

Дар бораи саҳми Садри Зиё дар ҳаёти Садриддин Айнӣ муҳаққиқон хеле навиштаанд, вале дар хусуси хидмати Муфтӣ Икромча дар ин бобат, ба истисноӣ гуфтаҳои худи Устод Айнӣ пажӯҳишгарон тақрибан хомӯш мондаанд. Устод Айнӣ дар боби омӯзиш ва касби камол ёфтанаш дар ҳузури Муфтӣ Икромча гуфтааст:

*«...Домулло Ҳоҷӣ Икром... беҳтарин устоди ман буд ва ман ҳар чизеро, ки дар мадрасаҳои Бухоро аз дарсҳои расмӣ омӯхтаам, аз он кас омӯхта будам...»*
(Ниг. С. Айнӣ. Куллиёт ҷ.7, с.578).

Садриддин Айнӣ аз ҳама бештар дар асараш «Таърихи инқилоби Бухоро» (1919-1920) доир ба устоди худ иттилоъ додааст. Аз ин асар симои ин донишманди ҷасур ва мутафаккири бузурги исломӣ ба хубӣ ошкор мешавад. Ва агар бо меъёрҳои оид ба «ориф», яъне зиёӣ ва рӯшанфикр таъинкардаи Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино ба ин шахсият бингарем, дархоҳем ёфт, ки Муфтӣ Икромча шахси фавқулодда озод ва зиёии асил будааст.

Ибни Синои Бухорӣ яке аз шартҳои асосии орифи комилро дар озодии шахс медонад ва роҳи ба ин озодӣ мушарраф шуданро дар дилбастагии комил ба кори Худованд (ҷ) меҳисобад. Ин донишманди бузург гуфтааст, ки «бо тамоми вуҷуди хеш рӯ ба Ҳақ овардан растагорист» ва ин ҳол ба кас бисёр сифатҳои аҷиби инсонӣ, аз ҷумла далериву шуҷоат мебахшад. Ба ҳамин маънӣ ӯ фармудааст: «ориф бояд далер бошад» (Ниг. Абӯалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб, Душанбе, Ирфон, 1981, ҷилди якум, с.252).

Ҳастии Муфтӣ Икромчаи Бухорӣ низ гӯё аз маърифати илоҳиву шуҷоъату матонату далерӣ таркиб ёфта буд. Дониши амиқи илоҳӣ ва эътиқоди сахту асил ба ақоиди дини мубини Ислом ӯро аз қайду банди дилбастагии моддиву мавқеъхоҳии замон озод нигоҳ медошт ва дар дифоъи ин ойини муназзаҳ бо шуҷоъату қатъияту фидокории ҳайратангез меразмид ва то ҳақиқат ва адолатро рӯйи об баровардан аз мубориза даст намекашид. Ӯ дар шуҷоъату далерӣ аз дигар маорифпарварони исломӣ фарқи ҷиддӣ дошт. Чунончи, Садри Зиё дар ҳаққи вай гуфтааст:

*«Ҳоҷӣ Домулло Икром ҳам он қадар соҳиби ҷуръату ҷалодат буданд, ки бо вуҷуди яккаву танҳо будану касе тарафдорӣ накардан дар баробари ин ҳама уламои сӯъ ва кордорони шум дар ҳар мартаба мунозира ва мудофиъа карда, ҳар як масоил ва муқаддимоти рисолаашонро ба бароҳин (бурҳонҳо) исбот ва ба далоил мудаллал менамуданд... Ба ҳеҷ ваҷҳ аз ин қавми беъор ва абнои рӯзгор наметарсиданд. Бадин коре, ки ихтиёр кардаанд, устувору барқарор буданд».* (Ниг. Садри Зиё. Тазкори ашъор, замимаи 2, дастнавис, саҳ. 5).

Ғолибан, далерӣ ва шуҷоъат аз комилтарин ҷанбаи зотии Муфтӣ Икром буд ва «ба тамоми вуҷуди худ рӯй ба Ҳақ овардан» ва ривоҷи куфру бидъат ӯро бо иқтидори азим ба туғён оварда буд, вагарна дигар маорифпарварону ҷадидон аз лиҳози дараҷаи эътиқоду дилбохтагӣ ба дини мубини Ислом шояд аз ӯ ҷиддан фарқ намекарданд. Ба ҳар ҳол, дар ҷодаи муборизаи оштинопазир дар муҳити тангу тори Аморати Бухоро чеҳраи Муфтӣ Икромча ягонаву махсус буд. Масалан, аз баҳои фавқуззикри Садри Зиё ба Муфтӣ Икромча маълум мешавад, ки худи Садри Зиё дар муборизаи зидди «уламои сӯъ ва кордорони шум» хеле иҷтиноб меварзид, эҳтиёткорона амал мекард ва барои ба даст овардани мақсадҳои ниҳоӣ аз вақт ҳам самар бардоштанӣ мешуд. Дар ҳоле ки Муфтӣ Икромча бо тезбиниву зудамалии тамом ба андозае, ки дили дигар муборизонро ба тасхир меовард, меразмид, Садри Зиё ва дигар рӯшанфикрони исломӣ дар ин мавридҳо гӯё дар мақоми тамошобин қарор доштанд. Ҳар замон аз шартҳои шариат дур рафтани сиёсатмадорону рӯҳониён уламои воқеъии исломиро ба шӯр меовард, вале дар аксар маврид ба зудӣ ва ошкоро дар муқобили онҳо як тан – Муфтӣ Икромча бо нерӯ ва матонати маърифати исломӣ рӯёрӯ ва побарҷо меистод ва истодагарӣ мекард.

Бинобар ин, метавон гуфт, ки Муфтӣ Икромча ба ҳамон андозае, ки инсони маънавиву назарӣ буд, ҳамон қадр инсони амалӣ низ буд. Ин ду ҷанба дар вуҷуди нотакрори Муфтӣ Икромча аз ҳам гӯё имтиёзу тавофуте надоштанд. Шояд чунин далерии ӯ аз он низ об мехӯрд, ки Муфтӣ Икромча аз дигарон дида аз хор шудани шариати Ислом бештар месӯхт, яъне ӯ дили беандоза ҳассос дошт ё балки шояд аз дигарон фузунтар даррок буд ва масъулияти олимии худро дар назди Худованди мутаъол беш аз дигар уламои давр ҳис мекард.

Ӯ бештар дарк карда буд, ки калиди пешомади шарифу оянддаи дурахшон дар ислоҳи фаврии корҳои хурду бузурги шоён аст. Ба ҳар ҳол чуноне гуфта шуд, Муфтӣ Икромча дар миёни рӯшангарони охири қарни XIX ва ибтидои қарни XX дар шуҷоат шахсияти комилан беҳамто ва нотакрор буд.

Ба шаҳодати Садриддин Айнӣ Ҳоҷӣ Муфтӣ Икроми Бухорӣ ақидае дошт, ки «дарбори амир бошишгоҳи одам нест» ва гӯё барои дифои ҳақиқат ифои вазифаи расмӣ мекард, вагарна тайёр буд, ки ҳар лаҳза дар роҳи ҳақиқат ҷон нисор кунад. Чунончи, ӯ ба Айнӣ, ки талаби амири Бухороро дар хусуси ба хидмати дарбор рафтан рад карда буд, гуфта буд: «...Такрор мекунам, ки бо рад кардани ту ин талабро ба ту зарар расониддан наметавонанд. Агар, фаразан, ба ту осебе расонидан хоҳанд, ман ҳамаи мансаб ва обрӯи худро ба сари халос кардани ту сарф мекунам, ё туро халос мекунам, ё баробари ту маҳв мешавам. Рав, осуда гаштан гир!» (Ниг. С. Айнӣ. Куллиёт, Душанбе, ҷ.7, с.579).

Табиист, ки амиру аҳли дарбор дар нисбати Муфтӣ Икромча хомӯш наменишастанд. Онҳо ҳама вақт бо ӯ муносибати бад мекарданд. Дар маҷмӯъ натиҷаи муборизаҳои дурахшони Муфтӣ Икромча он шуд, ки вайро ду бор солҳои 1912 ва 1917 ба тумани Пешкӯҳ ва шаҳри Ғузор бадарға карданд ва ду фарзанди обрӯманди вай – Мирзо Насруллоҳ ва Абдураҳмон Маҳдумро моҳҳои апрели соли 1917 ва марти соли 1918 аз дами теғ гузарониданд. Аморати Бухоро, ки худро дар ҷаҳон чун ҳомии бузурги дини мубини Ислом муаррифӣ мекард, муносибаташ дар аввали садаи XX бо рӯҳониёни бузург ва воқеии исломӣ ҳамин гуна буд.

Роҷеъ ба Муфтӣ Икроми Бухорӣ дар тазкираи Муҳтарам, дар асарҳои Садри Зиё: «Тазкори ашъор», «Рӯзнома» ва «Наводири зиёия», дар китобҳои Садриддин Айнӣ: «Ёддоштҳо» ва «Таърихи инқилоби Бухоро», И.С.Брагинский – «Очеркҳо оид ба таърихи адабиёти тоҷик» (1956), Н.Ҳотамов – «Сарнагун кардани сохтори амирӣ дар Бухоро» (1977) ва дар «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик» (1988) бо қалами Р.Ҳодизода маълумот дода мешавад, вале ин ҳама тарҷумаи ҳол ва ё хусусиятҳои осори Муфтӣ Икромро батафсил фаро нагирифтаанд.

Аз ин навиштаҳо бармеояд, ки Муфтӣ Икромча соли 1847 дар деҳаи Боғи калони Бухорои Шариф ба дунё омадааст. Танҳо дар «Тазкори ашъор»-и Садри Зиё соли таваллуди Муфтӣ Икром 1854 милодӣ зикр шудааст. Далеле, ки мо меоварем, ҳақиқатан ба соли 1847 будани санаи мавлуди Муфтӣ Икром далолат дорад. Ин санад – мақола хабарест ба унвони « Ҳафтоду сесола ҷавонбухороӣ», ки дар маҷаллаи «Шуълаи Инқилоб» (1920, №51, саҳ. 14-15) ба табъ расидааст ва мо онро ин ҷо пурра иқтибос меоварем:

*«Домулло Ҳоҷӣ Икроми Муфтии судур, ки аз уламои ҳақпарасти дунё ба шумор меравaнд, ҳамаи аҳолии Туркистонро маъруфанд, ишон аз уламо аввалин касеанд, ки ҳукумати амирро ошкоро танқид кардаанд, бинобар дар назди ҳукумати амир ва уламои расмии ӯ ҳамеша машҳур ва мағзуб буданд. Ба сабаби ин ки дар боби зулму фасоди қозиёни аср як рисола навишта, фасоди ишонро бо далоили ақлӣ ва нақлӣ исбот намуда буданд, дар соли 1910 ду сола нафъӣ (бадарға) гардиданд. Дар соли 1917 такрор аз Бухоро ба Ҳузор нафъӣ шуда, тамоми асбобу ашёашон аз тарафи ҳукумати амир мусодара ёфт. Дар соли 1918 дар Ҳузор (Ғузор) аз тарафи ҳукумати амир маҳбус шуда, дар ҳабсхона дар ҳузури худашон Абдураҳмон ном як писари бистсолаашон шаҳид карда шуд. Ишон то ҳол дар Ҳузор зинда будаанд.*

(Давомаш дар саҳ.4).

# ДАР ҚАРОҚАЛПОҚИСТОН БАРНОМАИ СЕСОЛАИ ТАРАҚҚИЁТ БА АМАЛ ТАТБИҚ МЕГАРДАД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Дар ҷамъомади видеоселекторӣ масъалаҳои ташкили муназзами татбиқи чорабиниҳое, ки дар барнома муайян карда шудаанд, баррасӣ гардиданд.

Аз он ҷумла боназардошти «нуқтаҳои пешравӣ»-и 17 ноҳия ва шаҳр 1359 лоиҳаи сармоягузорӣ ба қимати 12,3 триллион сӯм барои татбиқ дар солҳои 2020-2022 ташкил ёфтааст. Ҷалб намудани 523 миллион доллар сармояи бевоситаи хориҷӣ ва ба вуҷуд овардани қариб 20 ҳазор ҷойи нави кор ба нақша гирифта шудааст.

Ба Вазорати сармоя ва савдои хориҷӣ ба вуҷуд овардани 27 кластери саноатие, ки аз рӯи системаи «аз ашёи хом то маҳсулоти тайёр» кор мекунад, супориш дода шуд.

Ба воситаи ин барнома дар соҳаҳои хоҷагии қишлоқ ва об чандин вазифа муайян карда шудааст. Сухан дар бораи ҷойгир намудани сабзавоти ба содирот мунҷаргардида дар майдони 12 ҳазор гектар, ки дар онҳо парвариши пахта қатъ гардида, аз нав кишт намудани 36 ҳазор гектар замини аз кишт хориҷшуда ва ташкил намудани минтақаи озоди иқтисодии «Қарақалпоқ-агро», ба вуҷуд овардани плантатсияи кунҷит ва афзудани саршумори ҳайвоноти зотӣ, барои ҳайвонот ва меваву сабзавот махсус гардондани ноҳияи Хуҷайлӣ меравад.

Инчунин чорабиниҳо дар бобати соле сарфа намудани 2,5 миллиард метри мукааб об андешида мешавад. Ба аҳамиятнок будани таъмири 14,2 ҳазор километр канал, татбиқи технологияи сарфаи об дар 45 ҳазор гектар майдони кишт, насб кардани дастгоҳҳои ҳисобкунӣ дар нуқтаҳои тақсимоти об, тарозаи нурии 38 ҳазор гектар замин ишора гардид.

Дар назди Вазорати хоҷагии қишлоқ ва Вазорати хоҷагии об вазифаҳои марбут гузошта шуданд.

Барнома бархурди алоҳидаро ба инкишофи ноҳияҳои Тахтакӯпир, Бузатов, Шуманай пешбинӣ менамояд, ки ин минтақаҳо нисбатан дараҷаи пасти инкишофи иҷтимоиву иқтисодиро моликанд. Аз он ҷумла, солҳои 2021-2023 татбиқ намудани 172 лоиҳа ба қимати 409 миллиард сӯм барои беҳсозии инфрасохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ дар ин ноҳияҳо ба нақша гирифта шудааст.

Ғайр аз ин, 150 лоиҳа ба қимати 2 триллиону 340 миллиард сӯм дар 45 маҳалла ва авуле, ки шароити мураккаб доранд, татбиқ хоҳанд гардид. Пардохт аз рӯи фоизи кредитҳо барои ин лоиҳаҳо аз Фонди дастгирии соҳибкорӣ ба андозаи 50 фоиз аз ставкаи пойгоҳии фоизи Бонки марказӣ ҷуброн карда мешавад.

Роҳбари давлат аҳамияти ба вуҷуд овардани корхонаҳои нав, таъмини шуғл ва кӯмак ба оилаҳоро барои аз қашшоқӣ баромадан таъкид намуд.

Дар ҷамъомад масъалаҳои дигар намудани намуди ноҳия ва шаҳрҳои Қароқалпоқистон, сохтмони роҳ ва иморот муҳокима гардиданд.

Мақсад гузошта шуд, ки дар се соли наздик 856 километр роҳи автомобил сохта ва таъмир карда шуда, 2,5 ҳазор километр шабакаи оби ошомиданӣ кашида шуда, дараҷаи бо оби ошомиданӣ таъмин намудани минтақа то 70 фоиз расонда шавад. 235 иморати шомили 7 ҳазор ҳуҷра, аз он ҷумла 36 иморати арзони бисёрҳуҷраи соҳиби 2084 ҳуҷра барои оилаҳои ҷавон ва аҳолии камтаъмин бунёд хоҳад гардид.

Ҷараёни кори реноватсияи шаҳри Нукус, сохтмони объектҳои инфрасохтори замонавӣ муҳокима гардиданд.

Дар иртибот бо соҳаи тандурустӣ дар бобати пурра рақамӣ намудани фаъолияти бунгоҳҳои тиббии деҳот ва поликлиникаҳои оилавӣ, ташкили бригадаҳои тиббӣ ва муоинаи скрининги аҳолӣ супоришҳо дода шуд. Вазифаи ташкили дарс дар мактабҳо аз рӯи усули нав, баланд бардоштани малакаи омӯзгорон гузошта шуд.

– Умуман дар Қароқалпоқистон низоми нави ташкили кор ва назорат ба вуҷуд оварда мешавад. Барои ин дар Сенати Олий Маҷлис кумитаи нав оид ба рушди минтақаи ҳавзаи Арал, беҳсозии ҳаёт ва афзудани даромади аҳолӣ ташкил гаштааст, – гуфт Шавкат Мирзиёев,

Дар ҷамъомад шахсони масъул дар бораи чораҳои таъмини татбиқи барнома маълумот доданд.

**ӮзА.**

# РОҲБАРИ НАВИ ВИЛОЯТ ТАЪИН ГАРДИД

***Дар маҷлисгоҳи ҳокимияти вилояти Бухоро маҷлиси фаъолон баргузор шуд. Дар он Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон А.Арипов ба сухан баромад.***

Дар ҷамъомад масъалаи ташкилӣ баррасӣ шуд. Роҳбари Маъмурияти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон З. Низомиддинов Фармони сарвари давлатро бобати иҷрокунандаи вазифаи ҳокими вилояти Бухоро таъин гардидани Ботир Зариповро, ки дар вазифаи раиси садорати иттиҳодияи «Ӯзсаноатқурилишматериаллари» кор мекард, хонда дод.

Фарҳод Умаров, ки иҷрокунандаи муваққатии вазифаи ҳокими вилоят буд, ба вазифаи аввалааш – ҷонишини аввали ҳокими вилоят оид ба масъалаҳои молияю иқтисод ва кам кардани нодорӣ монд.

Ботир Зарипов 20 ноябри соли 1969 дар ноҳияи Ғиҷдувон таваллуд ёфтааст. Вай баъди хатми Донишкадаи молияи Тошканд дар бахши бухороии Бонки миллии фаъолияти иқтисоди хориҷӣ дар вазифаҳои мудири шуъба, роҳбари бахши Қаравулбозори бонки номбурда, ҷонишини якуми роҳбари сарсадорати вилояти бухороии Бонки марказӣ – садорати инкассатсия, роҳбари бахши бухороии Бонки миллии фаъолияти иқтисоди хориҷии Ӯзбекистон, ҷонишини раиси садорати Бонки марказӣ, директори департамент, ҷонишини аввали раиси садорати СТ «Агробонк»,раиси садорати ҶС «Ӯзқурилишматериаллари» ва ғайра кор кардааст. Ботир Зарипов ба муносибати 29-умин солгарди истиқлолияти Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо медали «Барои хидматҳои содиқона» («Содиқ хизматлари учун») мукофотонида шудааст.

**А. АВЕЗОВ.**

*Вилояти БУХОРО.*

## ХАБАРҲО

### Қоидаҳои амният дар ҷои кор

Сар задани ҳодисаи фалокатангез дар ҷойи кор, албатта, бисёр ногувор аст. Мутаассифона, тӯли як соли охир миқдори онҳое, ки сиҳҳату саломат аз хона баромадаву ба ҷойи кор рафта, бинобар рӯй додани нохушӣ ҳалок шудаанд, қариб ба 200 нафар расидааст.

Сабаби асосии ин ҳолат – риоя насохтан ба қоидаҳои техникаи бехатарӣ, беэътиборӣ нисбати кормандоне, ки ҳанӯз камтаҷрибаанд ва ҳоказо. Яке аз касбҳое, ки ба ҳаёт хавфнок аст, электрик аст, ва ин тақозо дорад кормандони соҳа дар ҷараёни кор боэҳтиёт бошанд.

Дар анҷумани таълимие, ки аз ҷониби корхонаи ҳудудии нуқтаҳои барқи Тошканд ташкил гардид, аз ҳамин бобат сухан рафт. Мақсад аз он – пешгирии ҳодисаҳои ногувор, хулоса баровардан аз фалокатҳои рӯйдода, кормандонро ба ҳамеша огоҳ будан даъват намудан. Дар чорабинӣ гуфта шуд вазифаи мо дар мавсими аллакай оғозёфтаи тирамоҳ-зимистон таъмини муттасили энергияи барқ ба аҳолӣ, айни замон риоя ба қоидаҳои амният ва техникаи бехатарист. Беҳуда нагуфтаанд, ки ин қоида барои кормандони соҳаи барқ «бо хун» навишта шудааст. Ташвишовар он ки тӯли 10 моҳи соли равон фалокатҳо дар ҷои кор 2 баробар зиёд шудаанд.

### Андози иҷтимоӣ маҷбурӣ нест

Дар шабакаҳои иҷтимоӣ бобати аз муҳоҷирони меҳнатӣ ситондани андоз хабарҳо пайдо шуданд, ки ин ба паҳн шудани ҳар хел овозаҳо сабаб гашт. Вале мутахассисон ин фикрро рад сохтанд.

Дар Агентии ахбор ва коммуникатсияи оммавӣ бахшида ба мавзӯъ нишасти матбуотӣ доир гашт ва таъкид ёфт нафақа – ин пенсия нест, дар шабакаҳои иҷтимоӣ мафҳумҳои нафақа ва пенсияро даромехта, аҳолиро саргаранг сохтаанд. Нафақа ба одамони ночор дода мешавад, пенсия бошад фақат ба шаҳрвандоне, ки ба бунёди пенсия ҳисса гузоштаанд, дар пиронсолӣ ҷудо карда мешавад. Муҳоҷири меҳнатӣ ба тарзи ихтиёрӣ миқдори муайяншударо (111 ҳазору 500 сӯм) пардозад, соҳиби собиқаи корӣ мегардад. Он пардохт андози иҷтимоӣ гуфта мешавад. Алҳол наздик 2 миллион нафар муҳоҷирони меҳнатӣ мавҷуд бошанд, аз онҳо танҳо 104 нафарашон ихтиёрӣ андози иҷтимоӣ месупоранд. Миқдори онҳое, ки худро бо шуғл банд карда ва ихтиёрӣ андози иҷтимоӣ месупоранд, дар Ӯзбекистон бештар аз 21 ҳазор нафарро ташкил менамоянд, гуфта шуд дар анҷумани матбуотӣ.

**Ш. МУҲАММАД.**

## Сафар дар Ватан



Шурӯъ аз моҳи марти соли ҷорӣ бо ташаббуси Шӯрои федератсияи Иттифоқҳои касабаи Ӯзбекистон дар доираи шиори «Ба саёҳати Ӯзбекистон баро!» ба мақсади таъмини иштироки фаъоли иттифоқҳои касаба дар барномаҳои сайёҳӣ барои ходимоне, ки дар корхонаву ташкилотҳо ва муассисаҳо меҳнат мекунанд, ҳамчунин, аъзои оилаи онҳо ба шаҳрҳои таърихӣ ва зиёратгоҳҳои кишварамон саёҳатҳо ташкил дода шуд.

– То имрӯз зиёда аз 5 ҳазор нафар коргар, фермер, нафақахӯр ва аъзои оилаи онҳо Самарқанд, Бухоро, Хоразм, Фарғона ва дигар ҷойҳои таърихии сарзаминамонро зиёрат карданд, – мегӯяд мудири шуъбаи иттифоқи касабаи вилояти Тошканд Шаҳноза Одилхонова. – Аз ҷумла, 600 нафар сайёҳ дар меҳмонхонаи шинам ва бо диди замонавӣ сохташудаи «Хоразм палас» ҷойгир шуда, «Ичанқалъа», «Маҷмаъи Ҷалолуддин Мангубердӣ», масҷиди ҷомеи «Ниёзмуҳаммад Охун», «Маҷмӯи Авесто» барин масканҳои таърихиро зиёрат намуданд.

Чорабинии «Ба саёҳати Ӯзбекистон баро!» то соли 2021 давом мекунад. Сайёҳон, қатъӣ назар аз синну сол, бо як олам таассурот баргашта, барои созмон додани чунин шароит ва эътибор ба Президент миннатдорӣ баён намуданд.

**Даврон АҲМАД.**

*Суратгир муаллиф.*

## Муносибат

# ОҒОЗИ ДАВРАИ НАВ ДАР МАКТАБҲОИ ӮЗБЕКИСТОНИ НАВ

Давраи нав дар назди низоми таълим низ талабҳои қатъӣ мегузорад. Тавре ки сарвари давлат дар суханронии табрикии худ ба муносибати Рӯзи омӯзгорон ва мураббиён таъкид намуд, асоси тараққиёт, қуввае, ки мамлакатро иқтидорнок, миллатро бузург мегардонад, ин илму фан, таълиму тарбия буда, фардои мо, ояндаи Ватан дар навбати аввал бо низоми таълим ва тарбияи фарзандонамон вобастагии қавӣ дорад. Барои ҳамин ҳам дар мамлакат ба масъалаи афзун гардондани салоҳияти омӯзгорон, беҳтар кардани сифати таълим дар сатҳи сиёсати давлатӣ эътибор дода, дар ин бобат ислоҳоти пай дар пай амалӣ мешаванд. Хусусан таҳияи лоиҳаи Фармони Президент «Дар бораи чораю тадбирҳои иловагӣ оид ба такмил додани низоми таълиму тарбияи мамлакат, тезонидани рушди соҳаи илму фан» дар ҳаёти кишвар воқеаи муҳим гардид. Дар ҷамъомади селекторӣ , ки таҳти роҳбарии сарвари давлат 30 октябри соли ҷорӣ бахшида ба муҳокимаи лоиҳаи фармон баргузор гардид, педагогҳои бухороӣ низ фаъолона иштирок карданд. Бояд эътироф намуд: лоиҳаи фармон, ки мақсад аз он бартарафсозии масъалаҳои ҷойдоштаи таълим ва дар панҷ соли наздик ноилшавӣ ба натиҷаҳои дилхоҳ, инчунин ифода кардани роҳи минбаъдаи тараққиёт мебошад, аз оғозёбии давраи нав дар мактабҳои Ӯзбекистони таҷдидёфтаистода гувоҳӣ медиҳад. Дар лоиҳа роҳҳои ҳалли масъалаҳо – аз қабили дар ҷамъият боло бардоштани обрӯю эътибору нуфузи муаллим, аз нав дида баромадани барнома ва усулҳои таълим, ноилшавӣ ба алоқаи узвии мактаб бо марҳилаҳои навбатии таълим, аз коғазбозиҳои зиёдатӣ раҳонидани омӯзгорон ва баҳри дар болои худ корбарии онҳо шароит фароҳам овардан, ҳавасмандгардонии эшон, беҳтар намудани инфрасохтори мактаб ва муҳити маънавии он ва ғайра акси худро ёфтаанд. Дар ҷамъомад зарур будани кор карда баромадани рейтинги ҳар як мактаб ва дар ҳамин асос муайян намудани рейтинги сифати таълим дар ноҳия, шаҳр ва вилоят таъкид ёфт. Бинобар натиҷаи рейтинг ба фаъолияти директорони мактаб, ҷонишинони вай, омӯзгорон, ҳокимон ва мушовирони онҳо оид ба таълим баҳо дода мешавад. Ба директорони мактаб, ки дар рейтинг панҷгонаи аввалро ишғол мекунанд, аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ музди иловагӣ дода мешавад. Чунончи, директорони мактаб ва муовинони онҳо ба андозаи аз 3 то 12 баробари музди камтарини меҳнат ҳавасманд гардонда мешаванд. Баробари ин роҳбари шуъбаи таълими халқ ва методисти он, директорони мактаб, ба ду нафар омӯзгорони пешқадами мактабҳое, ки дар рейтинги ноҳия ҷойҳои якум ва дуюмро соҳиб шудаанд, аз тарафи иттифоқҳои касаба ҳар сол ба сиҳҳатгоҳҳо роҳхати ройгони дуҳафтаина дода мешавад. Педагогҳои фидоӣ ҳамчунин бо роҳҳои дигар ҳавасманд гардонда мешаванд. Дар ҷамъомад роҳбари давлат таъкид намуд, ки дар навбати аввал бояд меъёрҳои таълимӣ ва миқдори дарсҳо аз нав дида шаванд, бо назардошти таҷрибаи пешқадами хориҷӣ офаридани методикаи миллӣ, ки хонандагонро ба фикркунӣ водор месозанд, зарур аст. Ин баробари ба мо – омӯзгорон фароҳам овардани шароитҳои қулай масъулият низ зам мекунад. Ба масъалаи аз нав дида баромадани тартиботи муайянкунии тоифаи омӯзгорон низ эътибор дода шуд. Таъкид ёфт, ки бо роҳи соддагардонии ин ҷараён ба омӯзгорон сабукиҳо дода шавад. Масъалаи дар мактабҳо ҷорӣ намудани идоракунии замонавӣ низ мавриди баррасӣ қарор гирифт. Акнун ба вазифа таъинкунии директорони мактаб бевосита, бо маслиҳати шӯроҳои маҳаллӣ дар асоси интихобот сурат мегирад. Ҳар як номзад бо барномаи дар 3 соли оянда баҳри пешравии мактаб чӣ кор хоҳад кард, баромад мекунад ва баъди интихоб шудан ҳар сол дар назди шӯроҳо ҳисобот медиҳад. Ин, бешубҳа, бобати ташкил кардани фаъолияти мактабҳо, пешгирӣ намудани дахолати ноқонунӣ ба кори директор ва беқарорӣ (ҷойивазкунӣ)-и кадрҳо чун омили муҳим хидмат мекунад. Тавре ки сарвари давлат таъкид кард, шубҳае нест, ки фармон бобати боз ҳам такмилёбии низоми таълиму тарбия дар Ӯзбекистон, рушди соҳаи илму фан «...манбаи пуриқтидоре мебошад, ки зуд ба чашм намерасад, вале дар 10-15 соли наздик баҳри дигаргунсозии қиёфаи мамлакат ҳамчун асос хидмат мекунад».

**Дилфуза МУСТАФОЕВА,**
**сардори садорати таълими халқи вилояти Бухоро.**

***Алҳол технологияҳои иттилоотии замонавӣ дар тамоми соҳаҳо бо шиддат ворид шуда, дар ҳаёти рӯзмарраи инсон мустаҳкам ҷой мегиранд. Имрӯз ҳаётамонро бидуни технологияҳои иттилоотӣ ва инноватсионӣ тасаввур карда намешавад.***

# БА ОЯНДАИ ДУРАХШОН БО ҒОЯҲОИ ИННОВАТСИОНӢ

Баъди аз ҷониби Сарвари давлат дар мамлакат Соли илм, маърифат ва рушди иқтисодиёти рақамӣ эълон гардидани соли 2020 дар ин ҷода корҳои васеъмиқёс амалӣ гардиданд. Ин иқдом бо қарори Президент «Дар бораи чорабиниҳо оид ба васеъ татбиқ намудани иқтисодиёти рақамӣ ва ҳукумати электронӣ», ки 28 апрели соли равон ба имзо расид, мустаҳкамтар шуд.

Ҳоло дар соҳаҳои саноат, хоҷагии қишлоқ, саноати сабук, нигаҳдории тандурустӣ ва таълим технологияҳои инноватсионӣ ҷорӣ карда шудаанд.

Дар мамлакат барои мо – ҷавонон шароит ва имкониятҳои васеъ фароҳам оварда мешаванд. Вазорати рушди технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар ҳудудҳо барои бо технологияҳои рақамӣ таъмин кардан беш аз 100 марказҳои таълимиро вазифадор кардааст.

Ба мутахассисони соҳа низ эътибори зиёд дода мешавад. Соли гузашта дар ноҳияи Мирзо Улуғбеки шаҳри Тошканд парки масолеҳи барномавӣ ва технологияи иттилоотӣ ба фаъолият шурӯъ кард.

Дар шаҳрҳои Андиҷон ва Марғилон филиалҳои IT-паркҳо ташкил гардиданд. Дар пойтахти мамлакатамон – Тошканд мактаби технологияҳои иттилоотии ба номи Муҳаммад ал-Хоразмӣ ба фаъолият шурӯъ намуд. То охири соли ҷорӣ дар шаҳрҳои Гулистон, Бухоро, Намангон, Нукус, Самарқанд, Урганҷ ва Ҷиззах ташкил кардани чунин паркҳо дар назар дошта шудааст.

Беҳтар кардани инфрасохтори IT-паркҳо ва баланд бардоштани дониши ҷавонон талаби давр ба шумор меравад. Дар ин самт ба мо мутахассисони соҳибихтисос, профессор ва омӯзгорони соҳибтаҷриба кӯмак мерасонанд.

Чанде пеш аз тарафи кафедраи информатика ва технологияҳои иттилоотии Донишкадаи муҳандисиву сохтмони Намангон таҳти унвони «Ҷавонони ташаббускор –ояндаи мамлакат» бо риоя кардан ба талаботи пандемияи коронавирус ба тарзи онлайн конфронси илмию амалӣ баргузор гардид.

Конфронс бо усули платформаи «ZOOM» басо шавқовар ва ҷолиби диққат гузашт. Дар он профессору омӯзгорон, барномасозон ва донишҷӯёни магистр, ки дар ИМА, Ҷопон, Олмон, Русия, Испания ва Италия мехонанду фаъолият мебаранд, фаъол иштирок намуданд. Инчунин бо намояндагони тиҷорат, ки дар мамлакатамон фаъолият доранд, мулоқот ба амал омад.

Дар тадбир бинобар соҳаи IT дар кишварамон комёбиҳои ноилгардида ва камбудиҳои мавҷуда ҳамаҷониба муҳокима карда шуданд.

Оре,ояндаи мамлакат дар дасти мо аст. Бинобар ин бояд аз шароитҳои мусоиди фароҳамовардашуда самаранок истифода барем ва дар пешрафти кишвар ҳиссаи худро гузорем.

**Ҳоҷиакбар ҲАСАНОВ,**
**донишҷӯйи факултаи энергетика ва хабарикунонии саноатии Донишгоҳи муҳандисиву сохтмони Намангон.**

# МУФТӢ ИКРОМЧА — ОЛИМИ ФИДОКОР ВА ШАХСИЯТИ НОТАКРОР

(Аввалаш дар саҳ.3).

*Баъд аз он ки дар Ҳузор инқилоб барпо шуда, Ҳукумати инқилобӣ таъсис ёфтааст, ҷаноби Домулло дар Анҷумани умумӣ, дар курсии хитобат баромада, дар боби оқибати зулму залима ва аҳамияти инқилоб нутқи балеғе эрод карда, ҳозиринро ба гиря даровардаанд».*

Аз ин мақола бармеояд, ки агар дар соли 1920 Муфтӣ Икромча 73-сола бошад, пас соли таваллуди ӯ 1847 милодӣ аст. Яъне, аз ин мақола аввалан ба соли 1847 будани санаи мавлуди Муфтӣ Икромча шакку шубҳае боқӣ намемонад. Ва дар таъини таърихи тавлиди ҳамзамони худ ҳафт сол ба хато рафтани Садри Зиё домани афкорро ба сад кӯчаву паскӯчае мекашад: шояд гуфтаи вай дуруст бошад? Шояд ҳамраъйии нокомил дар миёни ин ду рӯҳонии баландпоя самимиятро коста, омили рӯҳии чунин бепарвоиву беэҳтиётии Садри Зиё гардида бошад?

Сониян, дар мақолаи мазкур Муфтӣ Икром ошкоро «ҷавонбухороӣ», яъне «ҷадид» номида шудааст ва бо ҳамин далел ҳам мо даъво дорем, ки ҷадид номидани рӯҳониёне, аз қабили Муфтӣ Икромча ва Садри Зиё, ки ошкоро бо ҷадидон ҳамкору ба онҳо хайрхоҳ буданд, лозим аст, зеро ин истилоҳ ҳақиқати таърихиро ифода мекунад.

Ин аст, ки Садриддин Айнӣ дар бораи Садри Зиё чунин гуфтааст: «Шарифҷон Маҳдум, бешубҳа аз ҷумлаи маорифпарварон ва тараққихоҳони замони худ буд». (Ниг. С. Айнӣ. Куллиёт, ҷ.7, саҳ. 44). Ва маълум аст, ки дар адабиёти илмиву бадеии ибтидои қарни XX истилоҳҳои «маорифпарвар, тараққихоҳ, ҷадид»-ро чун муродифи ҳамдигар истифода мебурданд. Пас, чаро мо имрӯз «ҷадид»-ро маорифпарвару тараққихоҳ меномем ва мепиндорем, вале чун маорифпарвару тараққихоҳро ҷадид номанд, изҳори ноқаноатмандӣ мекунем? Ин, ба фикри мо, аз изҳори фазлфурӯшӣ беш нест. Ба ҳар ҳол қабл аз инкори андешаи мазкур бояд меъёрҳои «ҷадид» номиданро равшану дақиқ кунем.

Ба андешаи мо, меъёр наметавонад шуғли ҳаррӯза ва зиёда аз ин мансубияти синфӣ қарор гирад, зеро гап дар сари муносибати амалии фард ба масъалаҳои асосии мавриди андешаи ҷадидон, аз қабили эҳёи Ислом аз роҳи мубориза бар зидди қабоҳат ва бидъатҳои мазҳабӣ ва ислоҳи мактабу маориф аст. Камина дар ин хусус дар китоби худ «Ислом: ҷадидия ва инқилоб» (1997) муфассалтар сухан рондаам ва алҳол бояд ба таъкид бигӯям, ки ҷадидон ё худ маорифпарварон пеш аз ҳама мусалмонони ҳақиқиву воқеӣ буданд. Ин гурӯҳи камшумори аз илми илоҳӣ бохабар барои дар пояҳои дини мубини Ислом устувор кардани маънавияту ахлоқу маърифат ва иқтисодиёти ҷомеаи аморати Бухоро бар зидди таассуб ва бидъат ба майдони корзор баромаданд. Мазмуни асосии муборизаи ҷадидон аз ҳамин иборат буд ва вазифаҳои рӯҳонии Садри Зиёву Муфтӣ Икром барои иҷрои ин амалҳои таърихӣ хеле мусоиду пурсамар омад. Онҳо аз ин имкон хеле хуб истифода кардаанд ва чунончи Садриддин Айнӣ дар «Таърихи инқилоби Бухоро» овардааст, ин амали ишон гоҳгоҳ мавриди пайравии дигар муфтиҳову қозиҳо низ мегардид. Аз ин рӯ, мо имрӯз бояд бо овози баланд бигӯем: Садри Зиёву Муфтӣ Икром маорифпарварони исломӣ, яъне ҷадидони ҳақиқӣ буданд. Бале, ба фикри мо, маҳз дар ҳамин сурат ҷунбиши ҷадидияро, ки идомаи ҳаракати ислоҳотпарварӣ ва маорифпарварии исломӣ ба шумор меравад, комилан хоҳем шинохт ва ба дарки чеҳраи аслии чунин бузургон муяссар хоҳем гашт.

Қайд кардан месазад, ки мақолаи «Ҳафтоду сесола ҷавонбухороӣ» ҳам аз он шаҳодат медиҳад, ки Инқилоби Бухоро на танҳо бо қувваи болшевикон, балки бо ҳамкории ҷадидон ба амал омада буд. Зеро ҷадидон низ мехостанд, ки сохти амирӣ вожгун карда шавад. Аз ин рӯ, муносибат бо рӯҳониёну ҷадидҳо дар ибтидо, дар давраи Ҷумҳурии Мардумии Бухоро, тахминан то охири соли 1924, яъне то замони тақсимоти ҳудуди миллӣ ва бунёди сохтмони сотсиализм дар Осиёи Миёна ва шиддат гирифтани муборизаҳои синфӣ хуб буд.

Ба фикри мо, сарчашмаҳои асосии ба вуҷуд омадани ҷунбиши ҷадидия дар таърихшиносӣ таҷдиди назар мехоҳанд. Зеро агар аслу моҳияти ҷадидия таълимоти ислоҳотгаронаи исломӣ бошад, табиист, ки омили зуҳуру ривоҷи ин ҷараён низ исломи асил аст. Яъне ҳар огоҳии амиқ аз асли Ислом ба кӯшиши бозсозии иҷтимоиву фарҳангии феодализми Бухоро вомедоронд ва ҳар гуна истиқболи дастовардҳои дигар мамолик низ ба маърифати исломии ашхос сахт марбут буд. Ба иборати дигар, он ҳама дастовардҳои фанниву иҷтимоии дигар кишварҳо бо маҳаки дини муҳаммадӣ санҷида мешуд ва дар сурати мувофиқ омадан онҳо пазируфта мешуданд Аз ин рӯ, дарки пешрафтҳои гуногуни дигар кишварҳо як навъ роҳи амиқ рафтан ба таълимоти ҷовидонаи Ислом ноб буд. Дар он айём сафарҳои мунтазам ба дигар мамолик ғайриимкон буд, вале сафари ҳаҷ чун як амри шаръӣ ногузир ва мувофиқи имкон ба ҳар як мусалмон иҷборӣ буд. Бинобар ин, метавон гуфт, ки сарчашмаи асосии зуҳуру рушди ҷадидия ва ҳаракати ислоҳотхоҳии исломӣ дар кишвари Бухоро сафари ҳаҷ буд.

Ҳаҷ дар ҳама замонҳо миллатҳои мусалмонро як андоза дар ҳолати огоҳии илмиву фарҳангӣ ва сиёсиву иҷтимоӣ нигоҳ медошт ва барои дар сатҳи умумии иҷтимоиву фарҳангӣ қарор гирифтани мардумони мусалмони кишварҳои гуногун хидмат мекард. Ҳоҷӣ на танҳо як расми динӣ ба ҷо меовард, балки мамолики гуногунро медид, аз сатҳи сиёсиву фарҳангии сокинони кишварҳои мухталиф огоҳӣ меёфт, бо мардуми кишварҳои исломӣ ва дигар мамолики пешрафтаи ҷаҳон ҳамнишину мусоҳиб шуда, имкон меёфт ба вазъи ватани хеш бо дидаи ибрат нигарад, асли бурду бохти иҷтимоиву фарҳангии диёрашро возеҳу равшан бубинад. Албатта, вусъату паҳнои суди маънавии маросими Ҳаҷ ба қувваи тафаккур ва шахсияти ҳоҷиён мушаххасан вобаста буд. Ҳар кас ба қадри тавон ва дониши худ аз ин сафар баҳраи маънавӣ мебардошт.

Муфтӣ Икромча, ки пас аз хатми мадрасаҳои олии Бухоро ба сифати мударрис ифои вазифа мекард, маҳз бо сафари Ҳаҷ воқеан чашм ба оламу одам кушод. Ӯ дар синни чилу ҳафтсолагӣ, яъне дар айёме ба ҳаҷ баромад, ки аз ҷиҳати синну сол ва таҷрибаи зиндагӣ ба андозае ба камол расида буд ва чашми пурбину зеҳни тези модарзод имкон дод, ки ӯ аз ин сафари худ суду ибрати зиёде бардорад. Дар ин хусус Устод Айнӣ дар «Таърихи инқилоби Бухоро» қайд кардааст, ки дар соли 1894:

*«Домулло Икром ва мулло Иваз ба Ҳиҷоз рафта омаданд. Ин ду нафар аз сафари Ҳаҷ чашмбаста рафта наомада, балки аз ин сафар хеле ибрат гирифта баргаштанд. Домулло Иваз тарзи таълимашро як дараҷа ислоҳ карда, шарҳ ва ҳошияҳои бемаъниро аз ҷадвали дарси худ баровард. Домулло Икром амир, вазир, муфтӣ ва қозиҳо, уламо ва ҷадвалҳои дарсро рӯйрост танқид кардан гирифт, корҳои нодурусти мулло ва муфтиҳоро дар маҷлисҳо фош карда, ба рӯяшон мезад».*

Дар «Таърихи инқилоби Бухоро» чанд бор роҷеъ ба Муфтӣ Икром маълумот дода мешавад, ки ҳама аз ташаббусҳои равшангарӣ ва ҳамкориҳои самарабахши ин ягонаи таърих бо маорифпарварон ё худ ҷадидон ҳикоят мекунанд. Ташаббусу шуҷоат, нотарсиву мардонагӣ асосан ӯро дар чилу ҳафтсолагӣ пас аз сафари Ҳаҷ домангир шуд. Хидматҳое, ки ӯ ба миллатҳои мусалмони Мовароуннаҳр, аз ҷумла тоҷикон кард, пас аз ҳамин адои фариза амалӣ гардиданд.

Ҳоҷӣ Муфтӣ Икроми Бухорӣ муаллифи асарҳои «Иқозу-н-ноимин ва эъломулҷоҳилин», ҳамчунин «Ҳуҷуби сатри нисо» мебошад. Соли таълифи ин асарҳо дақиқан маълум нест. Китоби якум тахминан солҳои 1911-1912 милодӣ, китоби дувум дар якчанд соли қабл аз Инқилоби Бухоро ба табъ расидаанд. Хушбахтона, ин асарҳо ба мо дастрас гардиданд ва аз мундариҷаи онҳо бармеояд, ки мақсади муаллиф аз ин осор нақш дар адабиёту ҳунар нест, балки ҳамоно ҳадафҳои амалии иҷтимоӣ дорад, мехоҳад бо далелҳои шаръӣ дур рафтани аҳли ҷомеаро аз асли дини мубини Ислом дар масоили мушаххас собит созад, вассалом. Дар хусуси рисолаи аввали ӯ Садриддин Айнӣ гуфтааст, ки ин китоб аз «танқиди лафзии Муфтӣ Икром иборат аст, ки ӯ ба шакли китоб даровварда буд». (Ниг. С. Айнӣ.Таърихи инқилоби Бухоро, саҳ.105).

Ба андешаи мо инак, фурсати он расидааст, ки ин осори гаронбаҳои Ҳоҷӣ Икром якҷо бо рисолаҳои Ҳоҷӣ Абдурауфи Фитрат «Мухтасари таърихи ислом» (1915), «Мавлуди шариф ё худ миръоти хайру-л-башар» (1914), Садриддин Айнӣ: «Тартилу-л-қуръон», «Заруриёти диния» ва эҷодиёти дигар рӯҳониёни пешқадам ба таъбири дигар маорифпарварон ё худ ҷадидони ибтидои қарни XX ҷиддан омӯхта, саҳми онҳо дар густариши фарҳанги исломии он давр таъйин карда шавад.

Ҳаёти Муфтӣ Икроми Бухорӣ дар замони Шӯравӣ аз солҳои ториктарини зиндагии ӯ ба шумор меравад. Ба ҳар ҳол, мо ба ҷуз як ишораи Садри Зиё дар хусуси ин давраи ҳаёти ӯ дигар ҳуҷҷату маълумоте наёфтем. Садри Зиё дар асараш «Тазкори ашъор» қайд кардааст, ки соли 1342 ҳиҷрӣ (1923-1924 милодӣ) «Аз тарафи Ҳукумати Шӯроӣ маҳкамаи шаръӣ ташкил ёфт, мураккаб аз 15 нафар, ки раиси он Ҳоҷӣ Домулло Икром, муовини он роқими гумном буд».

Раисии маҳкамаи шаръӣ дар замони Шӯравӣ ба эҳтимоли қавӣ охирин машғулияти расмии Муфтӣ Икроми Бухорӣ аст. Пас Муфтӣ Икромча то охири умр қариб ҳамеша дар дилбохтатарин касби худ – машғулияти рӯҳонӣ умр ба сар бурдааст ва инро саодати зиндагии дар маҷмӯъ пуршӯру бофоҷеа, вале бузургу бобаракати ин донишманд ва мутафаккири рӯшанзамир дар густариши ақоиди ислоҳотхоҳии сиёсӣ ва иҷтимоии исломӣ, худшиносӣ ва худогоҳии мардуми мусалмони кӯҳандиёри Мовароуннаҳр метавон шумурд.

**Маъруфи РАҶАБӢ,**
**узви вобастаи АИ Тоҷикистон.**

*Обуна – 2021*

# «Овози тоҷик» – овози шумо!




**Ба «Овози тоҷик» – рӯзномаи 96-солаи ягонаи тоҷикии ҷумҳуриявӣ барои соли оянда обуна сар шудааст. Тартиби расмӣ кардани он дар сартосари ҳудуди Ӯзбекистон як хел аст ва аз солҳои пешин фарқ намекунад. Агар то ба охир расидани мавсими обуна он расмӣ карда шавад, тамоми соли 2021 аз он баҳраманд шудан мумкин аст.**

**Ҳоло тамоми шуъбаҳои алоқа, ширкатҳои хусусӣ ва агентиҳои махсусе, ки бо рӯзнома дар ин бобат қарордод доранд, бо нархҳои гуногун ҳуқуқи обуна карданро соҳибанд.**

**Шитобед, то аз «Овози тоҷик» бебаҳра намонед!**

# «Овози тоҷик» — нишонаи миллат

Хуб медонем, ки нишонаи аввалин ва асоситарини миллат забони ӯст. Аз ин рӯ қавмҳоро бинобар забони модариашон мешиносанд. Аз чӣ сабаб бошад, ки дар вилояти мо забони модарии аксарияти мардум бо қавми дар шиноснома сабтшуда мувофиқат намекунад. Ҳол он ки беш аз нисфи аҳолии вилоят ва ноҳияамонро тоҷикону тоҷикзабонон ташкил мекунанд. Мутаассифона, онҳо намедонанд, ки алҳол ягона рӯзномаи тоҷикии ҷумҳуриявӣ – «Овози тоҷик» чӣ ҳол дорад? Бешубҳа, ҳар як инсони поквиҷдон адади нашри кунунии онро дида, беихтиёр, ангушти ҳайрат мегазад. Охир, шумораи рӯзномаи ҷумҳуриявӣ ҳатто аз миқдори рӯзномаҳои ноҳиявӣ ҳам якчанд баробар кам аст. Беихтиёр суоле пайдо мешавад: ба қавми тамаддунофари мо чӣ шуд, ки аз ӯҳдаи дастгирии сарвати бебаҳои маънавиамон – «Овози тоҷик» намебароем ва ба тақдири он лоқайдем?!

Албатта, медонем, ки солҳо муқаддам монеъгӣ ба сари мактабҳои тоҷикии вилоят «об рехта», ба мардум нисбатиояндаи забони модариаш эҳсоси ноборӣ ангехта буд. Хушбахтона, бо шарофати сарвари оқилу халқпарварамон замон дигар шуда, саҳву хато бартараф мешавад. Боз садои форами дӯстии халқҳо ба гӯш мерасад. Дар ин гуна замон акнун лоқайдию бепарвоӣ ба мо намезебад. Рӯзномаи тоҷикие, ки аз солҳои таҳсил дар мактаби миёна дар дилҳоямон маъво дошту дорад, ҳоло муҳтоҷу интизори дастгирии мову шумост. Ман барои соли оянда ба он дар қатори аввалинҳо ҳатман обуна хоҳам шуд.

Биёед, дӯстон, ба ифтихори ҳамаи мо рӯзномаи «Овози тоҷик» обуна шуда, онро ба аҳли ҳар як хонадон ҳамдам созем.

**Раҷаб МАВЛОНОВ,**
**раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Шавгони ноҳияи Пешкӯи вилояти Бухоро.**

# «Ҷашнвораи манзараи тирамоҳ»

Нуфузи ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Заҳриддин фловерс плантейшн» дар ноҳияи Зангиато натанҳо ниҳолпарварони вилояти Тошканд, балки зебоипараст ва табиатдӯстони Русия, Аврупо, Қазоқистон, Тоҷикистонро ба худ кашидааст. Ҷамъияти мазкур аз соли 1980 инҷониб, фаъолияти худро ба парвариши садбаргҳои маҳаллӣ ва дарахтони мевадор оғоз намудааст.

Роҳбари он Заҳриддин Сайфиддинов сирри боғдорӣ ва ниҳолпарвариро ба писаронаш омӯзонд. Даставвал дар 9 гектар замин кор сар кард ва имрӯз майдони умумии замини ӯ 80 гектарро ташкил медиҳад. Бародарон дар тӯли таҷрибаи чилсолаи худ зиёда аз 200 намуди навъи садбарг, дарахтони манзаравӣ ва мевадори зудрас, бутта ва гулҳои бисёрсоларо парвариш намуда, ба аҳолӣ расонда дода истодаанд.



Ба қарибӣ дар ин боғ чорабинии табиатдӯстони «Ҷашнвораи манзараи тирамоҳ – 2020» шуда гузашт. Дар чорабинӣ доир ба флористика мастер-класс, технологияи истеҳсоли вермикомпост ё ки биогумус, азнавкорқарди растанӣ, хайрияи аукцион ва бозиҳои лоторея ташкил карда шуд. Дар тамошои ҷашнвораи олами сабз актёрон Рустам Саъдуллоев ва Муқаддас Холиқова низ баромада буданд. Дӯстдорони табиат ба ташкилкунандагони чорабинӣ миннатдорӣ изҳор намуда, зуд-зуд ба амал омадани ин гуна намоишҳоро хоҳиш намуданд.

**Матн ва сурати Даврон АҲМАД.**

***Фасли тирамоҳи заррин, табиати зебоманзари деҳаи Синтоб табъи касро болида месохт. Наворгирандагони «оинаи нилгун» на ба наворгирии иштирокчиёни чорабинӣ, балки мафтуни кӯҳҳои сарбаланди деҳа буданд.***

Панҷ ташаббус – дар амал

# МУСОБИҚАҲОИ ВАРЗИШӢ

Бо ташаббуси ҳокимияти вилояти Навоӣ ва ноҳияи Нурато аз рӯи 5 ташаббуси сарвари давлат дар яке аз деҳаҳои қаторкӯҳҳои Нурато, маҳаллаи ҷамоати шаҳрвандии Синтоб чорабинии варзишӣ баргузор гардид.

Чорабинӣ субҳ оғоз ёфт. Намуди аввал – пойгаи "ним марафон" буд, ки дар он зиёда аз 150 нафар духтару писарони синни мактабӣ иштирок доштанд. Ба пойгачиён аз тарафи сарвари варзиши ноҳияи Нурато У.Қаҳҳоров старт дода шуд. Пойгачиёнро мутасаддиёни варзиши вилоят ва ноҳия назорат менамуданд.

Давидани «ним марафон» оғоз ёфт ва дар охир хонандагони мактабҳо ба чунин натиҷаҳо ноил гаштанд: аз писарбачаҳо ҷойи аввал ба хонандаи мактаби 30 Э.Холмуродов, ҷойи дуюм ба хонандаи мактаби 49 И.Шоназаров ва ҷойи сеюм ба хонандаи мактаби 30 Н.Субҳонов насиб гашт. Аз духтарон ҷойи якум ва дуюмро хонандагони мактаби 43 хоҳарон Худойбердиеваҳо ва ҷойи сеюмро хонандаи мактаби 30 Ш.Иброҳимова соҳиб гаштанд.

Дар финиш ҳаводорони пойга намояндагони ҳокимияти вилоят, ҳокимияти ноҳия, роҳбарияти секторон, гвардияи миллӣ, ватанпарвар, ҳарбиён ва духтурон ҷамъ омада, пойгачиёнро самимона пешвоз гирифтанд. Баъд аз ин марҳилаи табрик ва супурдани мукофотҳо оғоз ёфт.

Сухани аввал ба ҳокими ноҳия У.Халелов дода шуд. Овозхонҳои яккахон, фолклори халқии ноҳия, дастаи ҳунарии мактабҳо ба чорабинӣ шукӯҳи тоза бахшиданд.

Нимаи дуюми рӯз барои гузаронидани бозиҳои футбол, шоҳмот, шашка, тенниси рӯйи миз, ки дар 5-ташаббуси сарвари давлат ҷойи дуюм меистад, аз тарафи ҳокимият рухсат дода шуд. Сарвари варзиши ноҳия У. Қаҳҳоров омӯзгорони тарбияи ҷисмонии мактабҳоро саф ороста қонуну қоидаи "мини-футбол"-ро фаҳмонда, ба 8-тими футболи мактабҳо қуръа партофтанд.

Доварон аз мактабҳои махсуси футболи ноҳия таклиф шуда буданд. Бозиҳо бо кафкӯбии ҳаводорони футбол ва ҷидду ҷаҳди бозигарон мегузаштанд. Бозиҳои мини-футбол бо чунин натиҷаҳо ба охир расиданд: ҷойи 1 тими мактаби 30-юм, ҷои 2 – тими мактаби 22, ҷойи 3 – тими мактаби 35 насиб гардид. Бо ҳамфикрии доварон, мухлисон ва омӯзгорони тарбияи ҷисмонии мактабҳо бозигари хуб хонандаи синфи 7-и мактаби 30 Қ.Деҳқонов дониста шуд. Ба ғолибони тимҳо ҳадяҳо ва ташаккурномаҳоро аз тарафи ҳокимияти вилоят ва ноҳия, сарвари варзиши ноҳия, услубчиёни ШТХ пешкаш намуданд.

Дар охири чорабинӣ раиси ҷамъияти шаҳрвандии маҳаллаҳои Синтоб ва Эҷ М.Мирзоев ва У.Муродов ба ҳамаи иштирокчиёни чорабинӣ, ташкилот ва футболбозони ҷавон миннатдорӣ баён намуданд.

**Қ. КӮЗИЕВ,**
**омӯзгори тарбияи ҷисмонии мактаби 30-юми ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1135. Адади нашр 652, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: Г. Кабирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 00.40

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.